# ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## Бюллетени ахборотӣ-таҳлилии ҳар семоҳа

Лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумотнокии ҳуқуқӣ тавассути ВАО дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»

**Нашри №7 [июл-сентябри соли 2010]**



Иттиҳоди Аврупо

INSTITUTE FOR WAR & PEACE REPORTING

IWPR

Намояндагии институт оид ба тавзехи чанг ва сулх

# ХОНАНДАГОНИ МӮҲТАРАМ!

Ба таваҷҷӯҳи шумо нашри ҳафтуми варақаи иттилоотиву таҳлилиеро, ки масоили доғи ҳуқуқи башар дар Осиёи Марказиро инъикос мекунад, пешниҳод мекунем.

10 октябр дар Қирғизистон интихоботи парлумонӣ бо ширкати 29 ҳизб - шумораи рекордӣ баргузор шуд. Ба назари коршиносон, баъд аз он ки Қирғизистон ҳафт маротиба ба Қонуни асосиаш тағйиру иловаҳо ворид кард, ин интихобот демократитарин буд. Рақобати бузург миёни аҳзоб онҳоро водор мекард ба хотири ҷилавгирӣ аз нақзи қонун ҳамдигарро назорат кунанд. Аз ҳайати нави парлумон ва ҳукумате, ки сари кор меорад, бешак, сохти ояндаи давлат ва низ вазъи ҳуқуқи башар дар Қирғизистон вобаста аст. Ҳамчунин ҷануби Қирғизистон, ки ҳанӯз хотираҳои ҳаводиси фоҷиабори моҳи июн зиндаанд, ҳоло дар марҳалаи суботи баъд аз бӯҳрон қарор дорад. Баҳсҳои густарда дар ҷомиа ақидаи ворид кардани гурӯҳи пулиси САҲА-ро дар ҳайати 52 нафар ба миён овард. Дар натиҷа ҳалли ин масъала ба парлумон ва ҳукумати нав вогузор шуд.

Аммо дар Тоҷикистон моҳи август 25 зиндонии боздоштгоҳи муваққатии Кумитаи давлатии амнияти миллии кишвар, ки дар маркази Душанбе воқест, фирор карданд. Қисмати бузурги зиндониёни фирорӣ аз гурӯҳи 46-нафарае буданд, ки ду рӯз қабл ба мӯҳлатҳои аз 10 то 30 сол бо ҷурми терроризм, тиҷорати маводи мухаддир ва кӯшиши табадуллоти давлатӣ зиндонӣ шуда буданд. Баъдтар дар дараи Камароби ноҳияи Рашт ба корвони мошинҳои вазорати дифоъи Тоҷикистон ҷангиён ҳамла оварданд, ки 25 низомӣ кушта шуданд. Қабл аз ин ҳамла дар шаҳри Хуҷанд амалиёти террористӣ ба вуқӯъ пайваст.

Дар навбати худ, ҳомиёни ҳуқуқ дар Қазоқистон изҳор доштанд, ки бо вуҷуди раҳбарии ин кишвар дар САҲА, вазъи озодии ҷаласаҳо, виҷдон ва баён коҳиш ёфт. Моҳи июл дар нишасти ғайрирасмии вазирони хориҷаи кишварҳои узви Шӯрои вазирони САҲА қарор шуд, ки 1 — 2 декабр нишасти САҲА дар шаҳри Остона баргузор шавад. Коршиносон мегӯянд, раҳбарияти Қазоқистон дар пасманзари интиқодоти ҷомиаи байнулмилал аз раҳбарии ин кишвар дар САҲА мехоҳад бо баргузории нишаст обрӯи хориҷии худро боло барад. Ҳамчунин моҳи сентябр мушовири президенти Қазоқистон эълом дошт, ки Нурсултон Назарбоев нияти пешниҳоди номзадиаш ба маснади президент дар интихоботи соли 2012-ро дорад. Ӯ аз тағйиру иловаҳои соли 2007 воридшуда ба Конститутсия ёдовар шуд, ки ба Назарбоев иҷоза медиҳад «чанд маротибае, ки хоҳад, номзадиашро дар интихобот пешниҳод мекунад».

Ибтидои сентябр дар Ашқобод намояндагони Иттиҳоди Аврупо бо мақомоти ин кишвар оғози амалӣ кардани тарҳи «Тақвияти зарфиятҳои Туркманистон дар мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи башар»-ро баррасӣ карданд, ки бори аввал дар ин кишвари пӯшида дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди СММ ва Комиссари олии ҳуқуқи башар роҳандозӣ мешавад. Ҳомиёни ҳуқуқи Туркманистон мегӯянд, амалӣ шудани ин тарҳ аз мақомот самимият ва ҷалби ҷомиаи шаҳрвандиро тақозо мекунад. Баҳс дар арафаи ширкати президент Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов дар иҷлоси 65-умини Маҷмааи кулли СММ ба вуқӯъ пайваст, ки ӯ шаклҳои нави ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби ин созмони байнулмилалиро пешниҳод кард.

Моҳи август миёни ҳомиёни ҳуқуқ баҳсҳо рӯи муҳоҷирати корӣ ба миён омад, ки мақомот дар амри эътирофи вусъати он таъхир мекунанд, зеро бар ин андешаанд, ки иқтисоди кишвар гул-гул мешукуфад. Аммо бар пояи таҳқиқи вижаи Лигаи ҳомиёни мустақили ҳуқуқи башар, аз 3 то 5 миллион сокини Ӯзбекистон барои мардикорӣ дар хориҷа умдатан ғайриқонунӣ қарор доранд. Фаъолони ҳуқуқи башар аз он изҳори нигаронӣ мекунанд, ки ин одамон аз сохтори ҳифзи иҷтимоӣ берун мемонанд ва ба нафақаву кӯмакпулиҳо наметавонанд умед банданд. Дар маркази таваҷҷӯҳи ҳомиёни маҳаллии ҳуқуқи башар ҳамчунин марҳалаи ниҳоии барномаи танзими таваллуд дар Ӯзбекистони 28 — миллиона буд, ки моҳиятан ҳуқуқи занонро нақз мекунад, зеро онҳоро маҷбуран безурриёт карда мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки варақа дар чаҳорчӯби тарҳи «Ҳифзи ҳуқуқи башар ва таълими ҳифзи ҳуқуқ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» омода шудааст, ки аз сӯи Институти британиёии инъикоси ҷанг ва сулҳ ва пуштибонии Кумиссиюни Аврупо амалӣ мешавад. Як ҳадафи аслии тарҳ боло бурдани сатҳи бохабарии ҷомиа аз мушкилоти ҷорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аст.

Дар ҳоли ҳозир ин тарҳ заминаҳои гуфтугӯ рӯи ҳалли масъалаҳои дастрасии кӯдакон ба маориф дар Қирғизистон, мушкили афзоиши худкушӣ дар Тоҷикистон ва озодии баён дар Қазоқистонро таъмин мекунад. Самти дигари фаъолияти тарҳ омӯзонидани масъалаҳои робита бо ҷомиа, ҳамкорӣ бо ВАО, баргузории нишастҳои омӯзишӣ барои рӯзноманигорон дар соҳаи меъёрҳои ҳуқуқи башар ва қонунгузории миллӣ ба намояндагони созмонҳои ғайриҳукуматӣ аст.

Имрӯз IWPR тарҳҳои худро дар Аврупо, Афғонистон, Эрон, Ироқ, Сурия, Уганда, Африқои Шимолӣ, Зимбабве, Қафқоз, Филиппин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ бомуваффақият амалӣ мекунад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ IWPR аз соли 1999 ба ин сӯ бо муваффақият кор мекунад. Дар ин муддат Институт тавонист бо сохторҳои давлатӣ, ғайриҳукуматӣ ва расонаҳо ҳамкории судманд ба роҳ монад. IWPR яке аз аввалинҳо буд, ки бо рӯзноманигорони маҳаллӣ ҳамкорӣ ба роҳ монд ва ба онҳо барои рушди равобит бо ҳамкорони хориҷиашон кӯмак кард. Натиҷаи ин матолиби зиёд дар сомонаи www.iwpr.net аст.

Дар ҳар шумора мо мекӯшем шуморо бо фаъолияти тарҳ, ҳаводиси алоҳида ва сохтории нақзи ҳуқуқи инсон дар Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ошно кунем.

## ДАР ИН ШУМОРА:


### СӮҲБАТИ РӮЗ:

8 Мусоҳиба бо Дилором Исҳоқова, раҳбари шӯъбаи Ҳаракати оппозитисионии «Бирдамлик» дар Тошканд

### ГУЗОРИШИ МАХСУС:

9 Тоҷикистон: гардиши нав дар мубориза бо ҷангиён

12 Ҳукумати Ӯзбекистон муҳоҷирати меҳнатиро инкор мекунад

### ҚАЗОҚИСТОН:

14 Қонуни нав дастрасӣ ба иттилоро осон мекунад

15 Қазоқистонро барои маҳдуд кардани нақши САҲА дар робита ба ҳуқуқи башар муттаҳам мекунанд

### ҚИРҒИЗИСТОН:

17 Назари сокинони Қирғизистон ба вуруди пулиси хориҷӣ мухталиф нест

18 Аҳзоби Қирғизистон ба ташкили эътилофҳо шурӯъ карданд

### ТОҶИКИСТОН:

20 Лоиҳаи Қонуни ВАО дар Тоҷикистон: ҳанӯз камбудиҳо вуҷуд доранд

21 Муҷозоти хеле сабук ба ҷинояткорони ноболиғ дар Тоҷикистон

### ТУРКМАНИСТОН:

23 Шурӯъи тарҳи ҳуқуқи башар бояд ба боло рафтани обрӯи ҳукумат орад

24 Созмонҳои динии Туркманистон таҳти фишори мақомот

### ӮЗБЕКИСТОН:

26 Таҳқир дар зиндонҳои Ӯзбекистон маҳбусонро ба маризиҳои рӯҳӣ мубтало мекунад

27 Барномаи танзими таваллуд ҳуқуқи занонро нақз мекунад


## АХБОРИ ТАРҲ:

Мутахасиси арманӣ ҳамкасбони худро аз Қирғизистон техникаи барпо намудани мониторинги ҷамъияти дар маҳалҳои нигоҳдориии одамони махбус ва аз озоди махдудро омӯзонд.

26-27 июн дар Бишкек нишасти омӯзишии «Мониторинги ҷамъиятии ҷойҳои нигаҳдории афроде, ки аз озодӣ маҳрум ва маҳдуд шудаанд» баргузор шуд.



Таълими консепсияи мониторинг, навъҳо ва вазифаҳои онро беш аз 20 корманди Дастгоҳи Омбудсмен (Акий-катчӣ)-и Ҷумҳурии Қирғизистон дар Бишкек ва низ намояндагони ваколатдори Омбудсмен дар ҳамаи манотиқи кишвар, кормандони созмонҳои мустақил ва ҳуқуқшиносон гирифтанд.

Ба ҷуз ҳуқуқи ашхос дар муассисаҳои ислоҳӣ ва ҷойҳои нигаҳдории қаблӣ доираи фаъолияти ширкатдорони ин нишасти омӯзишӣ ҳамчунин ҳуқуқи кӯдакон ва ҷавононеро, ки дар осоишгоҳҳои психиатрӣ ба сар мебаранд ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро дарбар мегирад.

Ин чорабинӣ дар чаҳорчӯби тарҳ дар ҳамдастӣ бо ОФ "Садои озодӣ" ва "Фридом Ҳаус" бо пуштибонии USAID, сафорати Олмон дар Бишкек, Институти ҷомеаи боз ва вазорати корҳои хориҷаи Норвегия созмон ёфт.

Минҳайси тренер дар чорабинӣ Арман Даниелян, раиси Гурӯҳи мониторингии муассисаҳои ислоҳии Арманистон, Улуғбек Азимов, коршиноси Гурӯҳи мустақили ҳомии ҳуқуқ ва Динара Саякова, раиси НПГ.

Арман Даниелян ба Қирғизистон бори чаҳорум меояд. Ҳангоми сафарҳои қаблиаш ӯ ҳамчунин дар нишастҳои омӯзишӣ барои созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва кормандони Дастгоҳи Омбудсмени Қирғизистон тренер буд. Ин дафъа низ ӯ бо мутахассисони Қирғизистон тавсияҳои амалиашро бо ҳам дид.

Дар давоми чорабинии омӯзишӣ ширкаткунандагон донишҳояшон дар бораи усулҳои ба даст овардани иттилоъро дар дарсҳои амалӣ тақвият доданд. Дар давоми нишасти омӯзишӣ саҳнасозиҳо ҳангоми гузаронидани мониторинг низ анҷом ёфтанд, аз ҷумла, сӯҳбат бо шахсоне, ки аз

озодӣ маҳрум ва ё маҳдуд шудаанд, хешовандони онҳо, кормандони тиб ва раҳбарони муассисаҳои ислоҳӣ.

“Бо машқҳои мушаххас мо донишҳои навамонро тақвият медодем. Ман дақиқан барои худ рӯшан кардам, ки то куҷо малакаи додани суолҳо ҳангоми гузаронидани мониторинг муҳим аст. Дар ҳар як маврид бархӯрди вижа зарур аст ва бидуни баҳс, сохтори дигари оростани мусоҳиба. Ҳар як нукта метавонад ба ошкор кардани нақзи қонун кӯмак кунад. Дар оянда ҳангоми гузаронидани мониторинҳо ман бештар ба мавридҳои мухталиф ва вазъи ғайриинтизор, ки метавонанд пеш оянд, омодагӣ мегирам” – гуфт яке аз ширкатдорони нишасти омӯзишӣ Улан Бекмуратов аз Анҷумани созмонҳои ғайриҳукуматии “Маркази эдвокасии ҳуқуқи башар”- и Ош. Ба гуфтаи ӯ, дар ин нишасти омӯзишӣ вай дониши фарох дар бораи корҳои омодагӣ гирифтааст, ки бояд чӣ гуна бошанд, то мониторинг натиҷа диҳад.

## Интернет ва расонаҳои нав дар кори ҳифзи ҳуқуқ.

16-17 июл дар Алмаато нишасти омӯзишии минтақавӣ таҳти унвони “Интернет ва расонаҳои нав дар кори ҳифзи ҳуқуқ” баргузор шуд. Ширкаткунандагони нишасти омӯзишӣ - намояндагони созмонҳои ҳомии ҳуқуқ ва рӯзноманигорони кишварҳои Осиёи Марказӣ василаҳои асосии web 2.0 ва расонаҳои нав (шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, форумҳо, имконоти хадамоти почта ва ғ.)-ро бо истифодаи онҳо дар кори нақзи ҳуқуқи башар аз худ карданд.

Тренерҳои нишаст коршиносони машҳури web Адил Нурмаков (Қазоқистон) ва Бектур Искандар (Қирғизистон) буданд.

Интернет ва расонаҳои нав яке аз муҳимтарин манбаъи иттилоъ дар саросари Осиёи Марказӣ шудаанд, ки шаклҳои нави афкори умумро ба вуҷуд меоранд. Ҳоло амалан ягон ширкати мухобиротӣ ё адвокатсиониро, масалан, бидуни шабакаҳои иҷтимоӣ, ки истифодаашон рӯз ба рӯз миёни тамоми қишрҳои аҳолӣ бештар мешавад, тасаввур наметавон кард.

Дар робита ба ин истифодаи фанновариҳои муосиртарини web барои ҳама гуна тарҳҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муҳим, бахусус ҳифзи ҳуқуқ зарур аст. Новобаста аз истифодаи фаъоли расонаҳои нав дар кор ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон баъзан аз камтарин василаҳо истифода мекунанд ва аз имконоти васеъи захоири интернетӣ ва асрори ҳирфаии коршиносони web бехабар мемонанд.

Аз ҷумла, ба назари Элмира Боронбоева, намояндаи Маркази минтақавии рӯзноманигории “Сари-Арка Медиа” (Қарағанда), ширкат дар нишасти омӯзишӣ имкони аз худ кардани фанновариҳои ҷадид дар кори ҳифзи ҳуқуқро дод. “Ҳамчунин хадамот, ба монанди gmail ё Skype, ки ба назар маъмулӣ менамуданд, маълум мешавад, шакли тамоман нав доштаанд. Имконоти онҳо барои пахши иттилоъ беҳудуд ва новобаста аз ҷуғрофия ва рушди ибтикорот мусоид будааст, ки барои кишвари паҳноваре чун Қазоқистон хеле муҳим аст” – мегӯяд ӯ.



“Ҳоло Facebook ва Twitter барои мо фақат василаи сӯҳбату дилхушии виртуалӣ нест. Тренерҳо ба мо имконоти беҳудуди ин ва дигар захираҳоро маҳз дар тарҳҳои расонаӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, пешрафти кори сомонаҳо ва тарҳҳои худ дар Шабака нишон доданд” – бовар дорад ширкаткунандаи нишасти омӯзишӣ.

## Ҳуқуқи занон

20 июл дар Шимкент мизи мудаввар дар мавзӯи “Ҳуқуқи занон” баргузор шуд. Ҳадафи мизи мудаввар боло бурдани огаҳии гендерӣ тариқи ошно кардани ширкатдорон бо принсипҳои асосии ҳимоя ва ҳавасманд кардани ҳуқуқҳо ва имконоти мусовӣ, камтарин меъёрҳои байнулмилалӣ, ҳамчунин таҷриба дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳо ва имконоти баробар буд.

Созмондиҳандагон намояндагии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ дар Қазоқистон, созмони ғайриҳукуматии “Маркази захиравии занона”, Комиссияҳои занон ва сиёсати оилавӣ-демографии назди ҳокими вилояти Қазоқистони Ҷанубӣ ва вилояти Шимкент буданд. Дар барномаи мизи мудаввар мавзӯҳои дар кори созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ бештар маъмул пешниҳод шуда буданд: баррасии ду қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи занон - “Дар бораи профилактикаи зӯроварии маишӣ”, “Дар бораи замонатҳои давлатии ҳуқуқҳои баробар ва имконоти баробари занону мардон”, пешниҳодот ва муҳокимаи омода кардани тарҳи меъёрҳои Қонун “Дар бораи хадамоти махсуси иҷтимоӣ” барои занони ҷабрдида аз муносибати хушунатомез, Ҳамкории мақомоти иҷроияи ҳукуматҳои маҳаллӣ, ВАО ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ рӯи мушкилоти беҳбуди вазъи оила, занон ва кӯдакон. Ҳамагӣ дар мизи мудаввар 32 нафар ширкат карданд, ки дар миёни онҳо намояндагони ҳукуматҳои иҷроияи маҳаллии ноҳияҳои вилоят, Комиссияи кор бо занон ва сиёсати оилавӣ-демографии дастгоҳҳои ноҳиявии шаҳри Шимкент ва вилояти Қазоқистони Ҷанубӣ ҳузур доштанд.

Дар натиҷаи чорабинӣ чанд тавсия барои такмили қонунҳо “Дар бораи профилактикаи зӯроварии иҷтимоӣ”, “Дар бораи кафолатҳои ҳуқуқҳои баробар ва имконоти баробари занон ва мардон” пешниҳод шуд. Ба тарҳҳои

меъёрҳои хадамоти махсуси иҷтимоӣ ислоҳу пешниҳодот ироа гардид ва ба ҳокими вилояти Қазоқистони Ҷанубӣ ҷаноби Мирзахметов А. нома навишта шуд.

22 август дар Остона ҷаласаи аввали гурӯҳи корие, ки аз сӯи вазорати адлияи Ҷумҳурии Қазоқистон барои пешбурди меъёрҳо созмон ёфт, баргузор шуд. Дар ҷаласа намояндагони Комиссияи миллии занон ва сиёсати оилавӣ-демографии назди президент, вазорати корҳои дохила, вазорати маориф, вазорати тандурустӣ, Маркази САҲА дар Остона, Созмони ҷаҳонии муҳоҷират ва созмонҳои ғайритиҷоратии занон ширкат доштанд. Аз шабакаи мо ба ҳайати гурӯҳи корӣ раҳбари тарҳ Унжакова И. С., президенти созмони ғайриҳукуматии "Федератсияи занон Статус", раҳбари тарҳи "Ба дугонаҳои ҷабрдида дастрасӣ ба хадамот" хоҳанд дошт, ки дар навбати худ натиҷаҳои мизи мудаввари моро ҳангоми ҷаласаи навбатии гурӯҳи муаррифӣ мекунанд.



## Журналистикаи ҳифзи ҳуқуқ

24 ва 25 июл дар шаҳри Хоруғ нишасти омӯзишӣ дар мавзӯи "Журналистикаи ҳифзи ҳуқуқ" баргузор шуд. Вижагиҳои инъикоси мавзӯҳои ҳифзи ҳуқуқ дар ВАО ба 17 рӯзноманигори маркази вилоят ва навоҳии Бадахшони Кӯҳӣ омӯзонида шуданд.



Тренерони нишасти омӯзишӣ мутахассисони созмони ҷамъиятии Бюрои ҳифзи ҳуқуқ ва риояи қонуният – Наргис Зокирова ва Зулфиқор Замонов буданд.

Ҳангоми ифтитоҳи нишасти омӯзишӣ раиси Бюрои ҳифзи ҳуқуқ ва риояи қонуният зикр кард, ки ҳадафи ин нишаст омӯзонидани асосҳои ҳуқуқи башар ба рӯзноманигорон аст.

Дар чаҳорчӯби нишасти мазкур рӯзноманигорон дар бораи механизмҳои миллӣ ва байнулмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон маълумот гирифтанд ва бо ҳуқуқҳои сиёсиву шаҳрвандӣ, аз қабили ҳуқуқ ба баёни озоди ақида, суди адолатнок, ҳимояти ҳуқуқӣ, озодӣ аз шиканҷа ва ғайра ошно шуданд.

Раҳбарон ва кормандони як қатор ВАО-и давлатӣ ва мустақил ҳамчунин бо принсипҳои асосии созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқи башар дар қонунгузории Тоҷикистон ва механизмҳои ҳимояти онҳо ошно карда шуданд.

Ширкатдорони нишасти омӯзишӣ ҳамчунин имкон доштанд кори Кумитаи дифоъ аз ҳуқуқи башари СММ-ро омӯзанд. "Нишасти омӯзишӣ бо назардошти ин ки дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон далоили нақзи ҳуқуқу озодиҳои инсон зиёд мушоҳида мешавад, хеле муҳим буд" – гуфт Раҳмонқулва Гулбаҳор, ширкаткунандаи нишаст.

## *Сиёсати амнияти иттилоотӣ барои СҒД ва фаъолони шаҳрвандӣ*

26 – 28 июл дар Алмато нишасти омӯзишӣ дар мавзӯи «Сиёсати амнияти иттилоотӣ дар СҒД ва фаъолони шаҳрвандӣ" баргузор шуд. Ширкатдорон ҳомиёни ҳуқуқи башар ва рӯзноманигорон аз кишварҳои ОМ буданд. Тренери нишаст яке аз беҳтарин коршиносони соҳаи амнияти иттилоотӣ Вячеслав Махмедов, узви Шӯрои ҳамватанон аз Думаи давлатии Федератсияи Русия, раиси Иттиҳои демократӣ ва шаҳрвандии Туркманистон, раҳбари Иттиҳоди шаҳрвандӣ ва демократии мустақар дар Нидерландия буд.

Аҳдоф ва вазифаҳои нишасти омӯзишӣ, аз ҷумла додани фаҳмиши кулли мушкилоти амнияти иттилоотӣ, бархӯрд ба рафъи онҳо ва сохтани ҳимоят аз дахолати ғайри қобили қабул, вусъат додани қабули тадобири барномавӣ - фаннии ҳимояти сохторҳои иттилоотӣ; омӯзонидани навовариҳои қабули тадобири ҷории амниятӣ; ошноӣ бо асосҳои сиёсат дар бораи амнияти иттилоотӣ, пайгирӣ ва гузаронидани маъракаҳо алайҳи нақзи ҳуқуқҳои шаҳрвандии шаҳрвандон маҳсуб мешуданд. Ширкатдорон бо муосиртарин фанновариҳои ҳимояти мукотаба ва ироаи маълумот, ҷилавгирӣ аз дастрасии бидуни иҷоза, тахриб ва нақзи кори сохтори иттилоотӣ, таъмини фаъолияти амни компютеру шабакаҳо ва ғайра ошно шуданд.



Дар давоми фаъолияти нишасти омӯзишӣ аҳамияти аввалиндараҷа ба ҳифзи иттилоъ дода шуд, ки амнияти фаъоли ҳуқуқи башар аз он мустақим вобастагӣ дорад.



Ширкатдорони нишасти омӯзишӣ ошкор кардани васила ва усулҳои вуруд ба соҳаи озодиҳои шаҳрвандиашонро омӯхтанд, сохтори фаъол ва ғайрифаъоли амниятиро аз худ карданд ва бо назардошти шароити зиндагии худ имкон пайдо карданд, ки мустақилона сиёсати шахсии амнияти иттилоотии худро эҷод кунанд.

Ба назари ширкатдорон, мавзӯъ ва мундариҷаи нишасти омӯзишӣ дар шароити ҳозир хеле мубрам ҳастанд. Қисми зиёди ширкатдорон бори аввал аҳамияти ин ҷанбаи корашон, яъне амнияти иттилоотиро дарк карданд ва аз мавҷудияти фанноварихои дастрас, ки метавонанд моҳиятан кори онҳоро амн гардонанд, хабар ёфтанд.

Динмуҳаммад Зиёуддин, ҳамоҳангсози тарҳи Маркази байнулмилалии рҚзноманигорӣ - MediaNet: "Ман фаҳмидам, ки амнияти иттилоотӣ чист, кадом рискҳо барои намояндагони СҒҲ ҳангоми кор бо иттилоъ вуҷуд доранд ва бояд чӣ тавр худро эмин нигаҳ дошт. 70 дарсад чизе, ки шунидем, барои ман кашфиёт буд. Бовар дорам, ки аз барномаҳои ҳомилони электронӣ манфиати махсус ҳаст, зеро ҳар яки онҳо маҳз барои фаъолияти ҳомиёни ҳуқуқ, намояндагони СҒД интихоб шудаанд. Ба фикрам, дар замони нооромии мо иттилоъи гирифтаи ширкатдорон ҳатто хеле бамаврид буд.

Дар давоми нишасти омӯзишӣ ман фаҳмидам, ки сохторҳои бештар маъмули амниятие, ки мавриди эътимоди моянд, на он қадар боэътимоданд. То нишасти омӯзишӣ дар ин мавзӯъ ман донишҳои рӯякӣ доштам. Ҳоло медонам, ки чӣ тавр иттилоъро бояд амн кард".

## Конфронси видеоии IWPR Бишкеку Вашингтонро барои баррасии интихоботи парлумонӣ дар Қирғизистон васл кард

Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қирғизистон бо муваффақият созмон додани мизҳои мудаввари видеоӣ-интернетиро дар ҳамдастӣ бо Бунёди Карнеги ба хотири сулҳи байнулмилал (Вашингтон) идома медиҳад. Барои баррасии ҳаводиси бештар доғи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар Қирғизистон намояндагони аҳзоби пешбари ин кишвар ва таҳлилгарон ҷалб мешаванд. Ширкатдорони ҷониби амрикоӣ коршиносони Бунёди Карнеги ба хотири сулҳи байнулмилал, Департаменти давлатии ИМА, Институти ҷомиаи боз (OSI), Бунёди миллии дастгирии демократия (NED), Комиссияи озодии байнулмилалии дини ИМА (USCIRF) ва муҳаққиқони мустақил ҳастанд. Барандагони вохӯрӣ Марта Брилл Олкотт, коршиноси аршади амрикоӣ дар умури Осиёи Марказӣ аз Бунёди Карнеги ба хотири сулҳи байнулмилал ва Эрлан Абдилбаев, мудири намояндагии IWPR дар Қирғизистон мебошанд.

Конфронси видеоии 11 август ба Конститутсияи Қирғизистон, ки дар раъйпурсии 27 июни соли 2010 қабул шуд, бавижа, оё он метавонад вазъи Қирғизистонро ба эътидол орад ва кишварро аз бӯҳрон наҷот диҳад, бахшида шуд. Таваҷҷӯҳи ҷониби Амрикоро бахусус натиҷаҳои ислоҳоти конститутсионӣ ҷалб карданд.

"Ин аллакай таҳрири ҳаштуми Конститутсия аст, ки мо тайи 19 соли истиқлолият қабул мекунем. Мутаассифона, ҷомиаи мо бар ин назар аст, ки агар мо Сарқонуни нав қабул кунем ва шакли давлатдориро тағйир медиҳем, фардо ҳама чӣ тағйир меёбад. Дар ҳоле ки мушкил на дар шакли давлатдорӣ, балки бемасъулиятии мансабдорон аст, ки аз ҳукумат намояндагӣ мекунанд" – гуфт Мирослав Ниёзов, ки дар рӯйхати ҳизби "Бутун Қирғизстан" дар ҷои аввал аст ва дар сабқати интихоботи парлумонӣ ширкат мекунад.

"Конститутсияи кишвари мо ошкоро баррасӣ шуд. Аъзои маҷлиси конститутсионӣ бар асоси намояндагии густарда интихоб шуданд. Дар замони режими кӯҳна ман наметавонистам ақидаамро озод баён кунам, озод бо он коре шуғл варзам, ки ба ман маъқул аст. Гуфтан мехоҳам, ки зиндагии мо тағйир ёфт" – зикр кард ширкаткунандаи конфронси видеоӣ Гулнора Исхоқова, коршиноси "Маркази таҳқиқоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ", ки ба қарибӣ намояндаи ҶҚ дар СММ ва дигар созмонҳои байнулмилалӣ дар Женева таъин шуд.



Дар навбати худ раҳбари собиқи коммунистони Қирғизистон Исҳоқ Масалиев баояндаи парламентаризм дар кишвар шак дорад. "...Амалӣ шудани Конститутсия бо мушкил рӯбарӯ мешавад. Дар шароити имрӯз идораи парлумонӣ ғайриимкон мешавад", – гуфт Масалиев.

Конфронси видеоии дигар 28 сентябр – дар остонаи интихоботи парлумонии Қирғизистон, ки 10 октябр таъин шуд, иттифоқ афтод. Таври маълум, ин дафъа дар интихоботи парлумонӣ 29 ҳизб - шумораи барои кишвар рекордӣ ширкат мекунанд. Аммо на ҳамаи онҳо имконоти воқеии роҳ ёфтан ба мақоми олии қонунгузории ҶҚ-ро доранд. Намояндагони аҳзоби "Ақ Шумқар", "Ар-намис", "Ата Журт", "Замандаш", Ҳизби сотсиал-демократ бо



ҳамтоёни амрикоияшон мавқеи аҳзоби сиёсие, ки дар сабқат ширкат мекунанд, ва инро ки Қирғизистонро баъд аз интихоботи парлумонӣ чӣ интизор аст, баррасӣ карданд.

Дар давоми мулоқот ҳамчунин дар бораи то куҷо озоду шаффоф баргузор шудани ин интихобот сӯҳбат шуд, зеро дар таърихи гузаштаи Қирғизистон ҳам интихоботи президентӣ, ҳам парлумонӣ ва низ раъйдиҳиҳо дар раъйгириҳои мардумӣ суолҳои зиёдро аз сӯи ҷомиаи байнулмилал ва нозирони маҳаллӣ ба миён оварда буд.

Ширкатдорон дар ин маврид иттифоқи назар доштанд, ки ин интихобот бидуни тақаллубкорӣ мегузарад, зеро дар рақобати шадиди миёни аҳзобе, ки имконоти баробари пирӯзӣ доранд, ҳар як ихтилофкорӣ аз назар пинҳон намемонад.

Узви Ҳизби сотсиал-демократ Шамил Атаханов зикр кард, ки шуури шаҳрвандии ҷомиаи Қирғизистон бо назардошти он чӣ ки аз сараш тайи солҳои ахир гузашт, хеле боло рафтааст ва ин имкон медиҳад умедвор бошем, ки имсол раванди интихоботӣ шаффоф хоҳад шуд.

Узви ҳизби "Ак-Шумкар" Тамерлан Ибраимов афзуд, дар Қирғизистон анъанаи тақаллубкориҳо ва истифодаи захираи маъмурӣ дар интихобот хеле қавианд ва, ба назари ӯ, аз ин метавонанд он аҳзобе истифод кунанд, ки чунин имконро доранд. "Аз тарафи дигар, ҳоло дар Қирғизистон 7-8 ҳизби ба таври кофӣ қудратманд ҳастанд ва тавре дар боло гуфтем, ҳама имконоти якдигарро хуб медонанд ва дигар аҳзобро назорат мекунанд. Маҳз ба хотири ин гуногунрангии аҳзоб, ки дар мо ба вуҷуд омадааст, эҳтимоли интихоботи нисбатан боадолат хеле зиёд аст".

Аксари ширкатдорони мулоқот бар ин буданд, ки то интихобот ҳаводиси манфӣ дар Қирғизистон рух нахоҳанд дод, зеро касе дар қатъи раванди интихоботӣ манфиатдор нест. Аммо бо назардошти он ки ба парлумон чанд ҳизби бо вазнҳои гуногун мегузаранд, даргириҳо ҳангоми сохтани ҳукумати эътилофӣ рух хоҳанд дод, - тахмин мезананд таҳлилгарон. Тавре узви Шӯрои сиёсии ҳизби "Ата-Журт" Имонқодир Рисалиев зикр кард, «(ҳангоми ташкили эътилоф) ҳаводиси ғайричашмдошт истисно нахоҳанд буд", ва "тӯфон дар паси деворҳои парлумон мешавад, на кӯчаҳо".

Дар бораи он ки Қирғизистонро баъд аз интихобот чӣ интизор аст, таҳлилгар Валентин Богатирев ҳамчунин афзуд, "аз ин натиҷаҳое, ки ҳоло ба назар мерасанд, ҳеҷ як аз аҳзоб аксариятро ба даст намеоранд". "Чун рӯшан шуд ҳизбе нахоҳад буд, ки аксариятро мегирад, тағйири ҳадафҳое, ки пеши ин маъракаи интихоботӣ истодаанд, рух хоҳад дод. Ҳоло масъалаи калидӣ на интихоботи парлумонӣ, балки ин аст, ки интихоботи парлумонӣ мавқеҳои ибтидоӣ барои интихоботи ояндаи президентиро ба миён меоранд. Маҳз барои ин ҳоло мубориза идома дорад", - зикр кард Валентин Богатирев.

Ширкатдорони конфронси видеоӣ хулоса карданд, ки сохтори ҳизбии кишвар тағйироти назаррасро ба ҳамин наздикӣ аз сар мегузаронад. Аз ҳама муҳим ин аст, ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар ин интихобот нақз нашавад.

## Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот – беларво набошед

20 август дар шаҳри Алмаато баррасиҳои навбатии ҷамъиятӣ ва минтақавии тарҳи Қонуни дастрасӣ ба иттилоъи ҳамагонӣ дар Қазоқистон баргузор шуд, ки дар чаҳорчӯби тарҳи Барномаи рушди СММ бо ширкати намояндагони ҷомиаи шаҳрвандӣ омода шудааст.

Силсилаи баррасиҳои минтақавӣ бо мақсади муҳокимаи васеъи тарҳи Қонуни дастрасӣ ба иттилоот, ки танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ миёни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти ҳудудӣ, муассисаҳои тобеи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллии созмонҳо, ашхоси алоҳида ва ҳуқуқӣ дар соҳаи ба даст овардан ва пахши иттилоро дар назар дорад.

Ҳуқуқ ба иттилоъ шарти асосии рӯи кор омадани як давлати демократист, ки ширкати муассири шаҳрвандон дар идораи давлат ва ҳисобот додани ҳукумат пеши мардумро таъмин мекунад.

Мисолҳои бешумор вуҷуд доранд, ки ҳуқуқ ба иттилоъ василаи ошкор кардани мавориди фасод дар сатҳҳои гуногун шудааст. Қонуни дастрасӣ ба иттилоот метавонад бартариҳои муҳими иҷтимоиро таъмин кунад. Қонун воситаҳо ва тартиби ба даст овардан ва пахш кардани иттилоъ барои мардум, ҳуқуқ ва масъулиятҳои истифодакунандагон ва соҳибони иттило, замонатҳои амалӣ кардани ҳуқуқҳои истифодабарандагон барои озод ба даст овардан ва пахш кардани иттилоъ барои мардумро муайян мекунад.

Баррасиҳо дар шаҳри Уст-Каменогорск ва Қарағанда гузаронида шуданд. Ширкатдорон бар аҳамияти омода ва қабули қонуни алоҳидаи дастрасӣ ба иттилоъро таъкид карданд ва пешниҳодҳои амалӣ барои мукаммал кардани меъёрҳои мушаххас низ сурат гирифтанд.

Дар давоми баррасиҳо ширкатдорон дар бораи дурнамои ҷорӣ кардани қонунгузорӣ дар соҳаи дастрасӣ ба иттилоот табодули назар мекунанд ва имконоти такмили минбаъдаи меъёрҳои тарҳи қонун ва пешниҳоди он ба парлумони Қазоқистонро баҳс мекашанд.

Тарҳи қонун бо ширкати коршиносони ҷомиаи шаҳрвандӣ, созмонҳои пешбари Қазоқистон дар соҳаи дастрасӣ ба иттилоот: Эътилофи расонаҳои Қазоқистон, ОФ "Эдил суз", СҒД "Интернюс Қазоқистон" ОФ «Medialife», ОФ "Ташаббуси иттилоотӣ", ОФ "Десента", СКФ "ЗУБР", Институти қонунгузории ҶҚ ва ғайраҳо омода шудааст.

## Аввалин ҳамоиши минтақавии расонаҳо “Оянддаи ВАО дар дасти худи рӯзноманигорон аст”

20 сентябр дар шаҳри Алмаато аввалин ҳамоиши минтақавии расонаҳо “Оянддаи ВАО дар дасти худи рӯзноманигорон аст” баргузор шуд.

ВАО-и мо куҷо равонанд? Чӣ тавр бояд дар замони муосир рақобатпазир шуд? Рӯзноманигории мардумиро бо чӣ “мехӯранд”? Интернет барои расонаҳои навиштори шарр аст ё хайр? Чӣ тавр метавон бастанҳо дар Шабакаи ҷаҳониро пушти сар кард? Оё ба рӯзноманигорон худсенсорӣ зарур аст? – ин ва дигар суолҳо дар панҷ ҷаласаи ҳамоиши расонаҳо баррасӣ шуданд.

Ширкатдорони ҳамоиш намояндагони расонаҳову парлумони Қазоқистон, коршиносон ва созмонҳои расонаии дохиливу хориҷӣ, бунёдҳои байнулмилалӣ ва сафоратҳо буданд.

Шарикони чорабинӣ: Freedom House дар Қазоқистон ва Эътилофи расонаҳои Қазоқистон, Бунёди Сорос дар Қазоқистон, Мактаби байнулмилалии рӯзноманигории MediaNet.






“Ҳадафи мо дар вазъи ғайрирасмӣ баррасӣ кардани мушкилоти умдаи рӯзноманигорони минтақаи Осиёи Марказӣ, дар навбати аввал, албатта, Қазоқистон ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои ҳалли онҳо аст” – ақидаи созмондиҳандагонро Ирина Медникова, ҳамоҳангсози ҳамоиши расонаӣ аз “Республика” ҳамин гуна фаҳмонд.

“Беш аз пеш гузаштани ҷишрҳои иттилоотӣ ба фазои интернетӣ журналистикаро маҷбур мекунад, ки бештар фаннитар шавад ва самти чандрасонаиро рушд диҳад, - мегӯяд сарвари Маркази байнулмилалии журналистика MediaNet Игор Братсев. – Аз ин хотир ҳар як мулоқоти ҳирфаиёни ВАО имкони нодири эъломи ақидаҳои нав, қабул, инкишоф ва истифодаи онҳо ба хотири рушди бозори расонаҳо аст”.

Созмондиҳандагон ва ҳамдастони ҳамоиш изҳори умедворӣ карданд, ки дар ҳамоиш сӯҳбати самимӣ ва озод дар бораи мушкилоти ҷомиаи расонаҳо сурат хоҳад гирифт.

## *Рӯзноманигорони ҷануби Қиргизистон истифода бурдани Интернет ва расонаҳои нав дар кори ҳифзи ҳуқуқро омӯхтанд*

1-2 октябр дар шаҳри Ош нишасти омӯзишии “Интернет ва расонаҳои нав дар кори ҳифзи ҳуқуқ” баргузор шуд. Ширкаткунандагони нишаст 15 намояндаи созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ ва рӯзноманигорӣ аз се вилояти Қирғизистон - Ӯш, Ҷалолобод ва Бодканд – василаҳои асосии расонаҳои нав (шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, форумҳо ва ғайра) ва чӣ тавр истифода кардани онҳо ҳангоми нақзи ҳуқуқи инсонро аз худ карданд.

Тренер Бектур Искандар, поягузори портали хабарӣ ва бузургтарин платформаи блог дар Қирғизистон Kloop.kg мегӯяд, бо назардошти вижагиҳои ҷануби Қирғизистон дар аксар маворид расонаҳои нав метавонанд ягона манбаъи боэътимоди иттилоъ бошанд. “Ба назари ман, ҳоло айни замон барои гузаронидани ин гуна нишасти матбуотӣ аст, зеро дар пасманзари ҳаводиси рухдода (умедворем, ки онҳо дигар такрор намешаванд) барои ҳомиёни ҳуқуқ доштани ин гуна васоил, ки ба онҳо имкони ироаи сареъи маълумот дар бораи нақзи ҳама гуна қонуншиканиро фароҳам меоранд, муҳим аст” – гуфт Искандар.

Нишасти омӯзишӣ ҳамчунин дарсҳоеро дарбар мегирифт, ки ҳангоми омӯзиш имкони аз худ кардани навгониҳои нетворкинг ва кор бо интернети мобилиро фароҳам меоварданд. Ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон дар платформаи микроблогингии Twitter сабти ном карданд. Дар тренинг ҳамчунин ширкатдорон блогҳои худро сохтанд ва онро бо мундариҷаи матнӣ ва акс пур карданд.

“Ду рӯзи хеле пурбор буд. Дар ибтидо ба назари ман чунин метофт, ки ман ин ҳама, бахусус, чӣ тавр истифода кардани усул ва ҳар гуна замимаҳои интернетиро фаҳмида наметавонам. Дар сохтани блог мушкил доштам, аммо тренер ҳамеша барои кӯмак омода буд, ки ба шарофати ин ҳоло худро дар Интернет озод ҳис мекунам” – гуфт ширкаткунандаи нишасти омӯзишӣ аз шаҳри Ӯш, сарвари намояндагии минтақавии маркази ҳифзи ҳуқуқ “Шаҳрвандон алайҳи фасод” Алийма Шарипова. Вай зикр кард, ки то нишасти омӯзишӣ умуман шабакаҳои иҷтимоиро истифода намекард. Акнун ӯ нақша дорад, ки ҳар ҳафта камаш се-чор маротиба ба Facebook ва Twitter ворид шавад.

“Дар нишасти омӯзишӣ ман барои худ сабт кардам, ки бо кӯмаки ин захоир метавон хеле зуд табодули ахбор кард. Ин ба ман хеле зарур аст. Акнун ман метавонам ба таври сареъ ин иттилоъро, ки ба маркази мо мерасад, ба ҷомиа расонам” – гуфт Шарипова.

Дар навбати худ, раҳбари шӯъбаи ҳимояи ҳуқуқи созмони ОПЗО “Адолат” (Ҷалолобод) Бактикан Жапаров зикр кард, ки қаблан дар бораи муассирии расонаҳои нави иртиботӣ зиёд шунида буд, аммо мустақилона омӯхтани захоир имкон надошт.

“Дар нишасти омӯзишӣ ман дастури қадам ба қадами кор дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва Твиттерро гирифтам. Амалан барои ман ин ҳама нав буд. Твиттер дар ҳолатҳои фавқулодда касро наҷот медиҳад. Дар мо ихтилофкориҳо рух медиҳанд, судҳо идома доранд, аз ин хотир, пахши сареъи иттилоъ бебаҳс зарур аст. Аммо компютер ҳамеша бо мост ва интернет на дар ҳама ҷо дастрас аст. Ин тавр ҳам мешавад, ки ду рӯз мегузарад, то ин ки иттилоро пахш кунед. Твиттер аз ин лиҳоз хеле мувофиқ аст, ки паёмро метавон то доираи васеъи одамон ҳамон лаҳза, мустақим аз маҳалли ҳодиса тариқи телефони мобилӣ расонӣ”.



“Намояндагони наслҳои гуногун тавонистанд бо кӯмаки телефони мобилӣ аз сифр дар Твиттер сабти ном ва ба навиштан шурӯъ кунанд. Ин моро умедвор ба он мекунад, ки аллакай шурӯъ аз интихоботи оянда, мо иттилоъи васеъро дар бораи ҳаводиси кишвар дастрас мекунем”, - гуфт Бектур Искандар.

# СӮҲБАТИ РӮЗ



*28 июли соли 2010 суди Ӯзбекистон ҳукми Азамат Азимов, фаъоли сиёсӣ, узви шӯъбаи ҳаракати оппозитсионии “Бирдамлик” дар Шаҳрисабзро содир кард. Ӯ ҳафт сол аз рӯи моддаҳои 270, қисми 5 “Парвариши растаниҳои барои кишт мамнӯъ” ва 273, қисми 5 “Ғайриқонунӣ тайёр кардан, ба даст овардан, нигаҳ доштан ва дигар омол бо воситаҳои наркотикӣ ё моддаҳои психотропӣ ба манзури фурӯш”-и Кодекси ҷиноии Ӯзбекистон равонаи зиндон шудааст..*

Дар сӯҳбат бо IWPR Дилором Исҳоқова, раҳбари шӯъбаи ҳаракати оппозитсионии “Бирдамлик” дар Тошканд изҳор дошт, ки парвандаи Азимов навҳаи сиёсӣ дорад ва ба ҳамин минвол, мақомот фаъолро барои фаъолиятҳои ҷамъиятиаш ҷазо доданд.

**IWPR:** Шумо зиндонӣ шудани Азамат Азимовро ба чӣ рабт медиҳед?

**Дилором Исҳоқова:** Боздошт ва ҳукми ӯ дар бораи ҳафт сол аз озодӣ маҳрум шудан ин ҳама натиҷаи фаъолиятҳои сиёсии ӯст. Ӯ яке аз фаъолони ҳаракати “Бирдамлик” дар вилояти Қашқадарё (ҷануби кишвар) буд. Рӯзҳое, ки ба анҷумани ҳаракатамон (тирамоҳи соли 2009) омодагӣ медидем, ӯ худро хуб нишон медод ва фаъолона кор мекард. Он замон ҳама кор сар шуд. Ӯро сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ таги чашм карданд. Ҳар коре, ки то боздошти ӯ рух дод, бешак, инро собит мекунад. Зеро хонаи ӯ таҳти муроқибат буд, ӯву наздиконашро назорат мекарданд. Наздиконашро таҳдид ҳам карданд. Қазияи Азимов дигарбора назари ман дар бораи инро, ки ҳомиёни ҳуқуқи башар ва аъзои оппозитсияи сиёсиро ҳамеша зиндонӣ мекунанд, собит кард. Гузашта аз ин, агар гуфтан дуруст бошад, бо моддаҳои “безеб”, ки дар бораашон шунидан ногувор аст. Ин тиҷорати маводи мухаддир аст. Ин ҳодиса бо рӯзноманигор ва ҳомии ҳуқуқ Солиҷон Абдураҳмонов ҳам рух дода буд. Ё ин ки барои қаллобӣ. Тавре ки, масалан, парвандаҳо алайҳи Аъзам Турғунов ва Аъзам Фармоноврo созмондиҳӣ карданд. Яъне мақомот ҳамеша фаъолон ва ҳомиёни ҳуқуқро қаллобони хурд ё тоҷирони маводи мухаддир ба намоиш мегузоранд.

Аммо мо хуб медонем, ки Азамат Азимов ҳеҷ гоҳ нашъаҷаллоб набуд ва бо ин кор ҳеҷ гоҳ сарукор надошт. Шаҳрисабз шаҳри хеле хурд аст. Агар ӯ бо тиҷорати маводи мухаддир машғул буд, барвақт ӯро боздошт мекарданд ва дар ин бора ҳама огоҳ мешуданд. Дигар ин ки одамоне, ки бо тиҷорати маводи мухаддир машғуланд, аслан зиндагии серу пур доранд. Аммо Азамат баръакс аз ҷиҳати молӣ танқисӣ мекашид. Ман мегӯям, ки оилаи ӯ комилан камбизоат аст. Сабаби ин ҳама фаъолияти сиёсии ӯст. Ба созмон дода шудани парвандаи ӯ ҳамчунин ин далел гувоҳӣ медиҳад, ки ҳангоми боздошташ тамоми меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноӣ-мурофиавӣ нақз шудаанд. Ӯро кормандони ҳифзи ҳуқуқи як ноҳия боздошт карда, ба милисаи ноҳияи дигар доданд ва судаш дар ноҳияи саввум сурат гирифт.

Чор моҳ ӯро дар боздоштгоҳ нигаҳ доштанд ва дар ин муддат ҳеҷ кас, ҳатто вакилони дифоъ дар бораи сарнавишт ва вазъаш чизе нагуфтанд. Кормандони милиса он қадар хешу наздиконашро тарс доданд, ки ахириҳо аз ҳар гуна кӯшиши робита бо ӯ даст кашиданд. Вақте намояндаи ҳаракати "Бирдамлик" ба хонаи ӯ омад, наздикони Азимов дарро накушоданд. Баъдтар гуфтанд, ки онҳоро огоҳӣ додаанд, агар ба ҳомиёни ҳуқуқ муроҷиат кунанду ягон мавод ба нашр расонанд, агар ягон вокуниш дар ҷомиа ба вуҷуд ояд, мақомот ҳама корро мекунанд, то Азимов аз зиндон берун наояд. Аммо агар наздикон дуруст рафтор кунанд ва хомӯш бошанд, он гоҳ ба эҳтимоли зиёд ӯро раҳо хоҳанд кард. Хешовандон ба ин ҳарфҳо бовар карданд ва он гуна рафтор карданд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фармуда буданд. Бо ин вуҷуд, Азаматро ҳафт сол равонаи зиндон карданд.

**IWPR:** Кай Азимов фаъоли ҳаракати "Бирдамлик" шуд?

**Исҳоқова:** Ба наздикӣ ду сол мешавад, ки ӯ ба сафи ҳаракати "Бирдамлик" пайваст. Давраи пурсамари фаъолияти ӯ маҳз ба ноябри соли гузашта рост меояд, он замон ки ӯ таҳти муроқибати мақомот буд. Ана, ин аст натиҷаи он ҳама.

**IWPR:** Оё баъд аз ин ҳукм дигар фаъолони ҳаракати "Бирдамлик" ва низ мардуми бо фаъолиятҳои ҳифзи ҳуқуқ сарукордошта дар Ӯзбекистон амал хоҳанд кард? Оё хатари пеш омадани боздоштҳои дигар вуҷуд дорад?

**Исҳоқова:** Албатта, ин ҳол идома меёбад. Аммо ба гумон аст, ки касеро тарсонад. Зеро дар Ӯзбекистон ин ҳол ба ҳама маълум аст. Агар инсон фаъол кор кунад ё ҳадди ақал узви ягон ҳизбу ҳаракати оппозитсионӣ бошад, хоҳ-нохоҳ бо ӯ он чӣ рух хоҳад дод, ки бо Азимов рух дод. Ҳеҷ яке аз мо аз ин дар амон нестем. Миёни оппозитсионерҳо, ҳомиёни ҳуқуқ кам одаме ҳаст, ки доғи судӣ надошта бошад. Масалан, ман ду маротиба ба таври созмондиҳӣ суд шудаам: бори аввал гӯё ман мехостам табаддулоти давлатӣ кунам, бори дуввум, гӯё одам куштам. Агар касе иттиҳоми собитшуда надорад, пас он ҳатман мешавад. Аммо ин бори дигар далели он аст, ки одамони аз лиҳози сиёсӣ фаъол барои ақида ва мубориза барои адолат таъқиб мешаванд. Аммо мо корамонро давом медиҳем.

# РЕПОРТАЖИ МАХСУС

## Тоҷикистон: гардиши нав дар мубориза бо ҷангиён

*Дар пайи як ҳамла 25 сарбози ҳукуматӣ кушта шуданд, ки суолҳо дар бораи субот ва ҳузури исломиёни аз хориҷ воридшуда ба кишварро ба миён гузошт*

Дар ҳоле ки нерӯҳои ҳукуматӣ амалиёти саркӯб кардани гурӯҳҳои мусаллаҳ дар шарқи ин кишварро баъд аз талафи 25 сарбоз бар асари ҳамла аз камин идома медиҳанд, назари коршиносон дар бораи пайдоиши ҷангиён ҳамсон аст.

Бар пояи таҳқиқ IWPR, мухолифат аз сӯи нерӯҳои низомии собиқ фармондеҳони Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсиони тоҷик (ИНОТ) сурат мегирад, ки дар замони ҷанги дохилии Тоҷикистон солҳои 1992 — 1997 фаъолият доштанд.

Изҳороти Ҳаракати исломии Ӯзбекистон (ҲИӮ) — созмони исломии коршарики Толибон дар бораи он ки ҳамла кори дасташ аст, он қадар дақиқ нест, аммо дур аз ҳақиқат нест, зеро ҲИӮ бо гурӯҳҳои тоҷикӣ робита дорад ва шояд ҷосусонашро барои ба таҳрик даровардани онҳо ба хотири ташдид фаъолият фиристодааст.

Ҳамла 19 сентябр, ваqe ба вуқӯъ пайваст, ки мошини ҳомили сарбозон тариқи дараи Камароби водии Рашт, 180 километрии шаҳри Душанбе ҳаракат мекард. Бар асари тирборони боркаши безиреҳ 25 сарбоз кушта ва 11 тани дигар захмӣ шуданд.

Нерӯҳои амниятӣ дар посгоҳҳое, ки моҳи август барои боздошти фирориёни зиндони низомаш шадид дар Душанбе гузошта буданд, тақсим шуданд. Қисмати умдаи зиндониёни фирорӣ аз гурӯҳи 46 нафарае буд, ки соли 2009 боздошт шудаанд, замоне ки нерӯҳои ҳукуматӣ амалиёти вижаеро дар шарқи Тоҷикистон алайҳи гурӯҳҳои мусаллаҳ пиёда карданд. (Тафсилот дар ин бора дар матлаби «Ором кардани водиҳои шарқии Тоҷикистон»)

Вазорати дифоъ ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон изҳор доштанд, ки ҳамла аз каминро гурӯҳи ҷангиёни Мирзохӯҷа Низомов — собиқ сарвари шӯъбаи мубориза алайҳи ҷиноятҳои созмонёфтаи Рашт, ҳамчунин Мулло Абдулло ва Аловуддин Давлатов анҷом додаанд. Ин гурӯҳ, афзуданд мақомоти амниятӣ, сарбозонро аз ҷумлаи ҷавонон барои омӯзиши амалиёти террористӣ гирдиҳам овардааст.

Хадамоти махсус манзили Аҳмадовро, ки на он қадар дур аз Ғарм аст, муҳосира карда, 5 ҷангии эҳтимолиро куштаанд ва махфигоҳи силоҳро мусодира кардаанд.

Нерӯҳои ҳукуматӣ ба таъқиби фаъолони маҳаллӣ ва ҷонибдорони хориҷии онҳо, ки дар ин минтақа ба сар мебаранд, оғоз карданд. Як сокини маҳал рӯзи 22 сентябр ба IWPR гуфт, вазъ муташанниҷ аст ва мошинҳои низомӣ ба ину он тараф дар роҳи байни Ғарму дараи Камароб ҳаракат мекунанд. Сокини дигар гуфт, ки роҳҳои хуруҷу вуруд ба деҳот баста аст.

**Рӯҳияҳои ҷангӣ аз куҷо пайдо шуданд?**

Нигарониҳои афзоянда дар навоҳии шарқии кишвар ёдоварии ногувор аз ҷанги дохилии солҳои 1992 — 1997 аст. Он замон Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик (ИНОТ), ки гурӯҳҳояш аз сӯи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон раҳбарӣ мешуданд, алайҳи ҳукумати баъдикоммунистии кишвар меҷангид.

Мухолифат бо Созишномае ба охир расид, ки тибқи он ҷангиён силоҳ гузоштанд ва ба зиндагии мулкӣ баргаштанд. ҲНИТ ҳизби қонунӣ эълон шуд ва фармондеҳони собиқи ИНОТ ба мансабҳои давлатӣ расиданд.

Рӯйхати дастандаркорони тахминие, ки аз сӯи ҳукумати Тоҷикистон эълом шуд, дуруст ба пайдоиши маҳаллии сабабҳои ҳаводиси хунин ишора мекунад. Аз ҷумла

номҳои фармондеҳони собиқи ИНОТ эълом шуданд, ки аз ҳукумат хаста шудаанд ва ҳанӯз метавонанд ба пуштибонии мардуми маҳаллӣ умед банданд ва онҳоро бо силоҳ таъмин кунанд.

Кор боз пурчигил шуд, вақте ҲИӮ, ки ҳадс зада мешуд, дар Покистону Афғонистон мустақар аст, эълом дошт, ки ҳамла ба сарбозон кори дасти маҳз ӯст.

Дар ин изҳороти видеоӣ, ки ба бахши тоҷикии Радиои Аврупои Озод/Радиои Озодӣ фиристода шудааст, марде зоҳир шуд, ки худро Абдуфаттоҳ Аҳмадӣ, намояндаи ҲИӮ муаррифӣ кард. Вай гуфт, ҳамла интиқом аз ҳукумати Тоҷикистон, аз ҷумла барои бастани масҷидҳо, зиндонӣ кардани мусулмонон ва манъи ҳиҷоб аст.

Дар натиҷаи ин ахбори зиддунақиз, ҳамчунин набуди иттилоъ, бархе ҳукумати Тоҷикистонро барои хулосаҳои саросемавораш дар бораи шахсияти ҷинояткорон муттаҳам карданд.

Дигарон ҳадс заданд, ки ҳукумат барқасдона иттилоъи дурӯғинро ба хотири дурустии баргузории амалиёти вижааш дар шарқи Тоҷикистон пахш кардааст. Дар ҳамин ҳол, Санавбар Шерматова, коршинос дар умури Осиёи Марказӣ аз Маскав мегӯяд, ба изҳороти «тахайюлии» мақомоти Тоҷикистон дар бораи мавҷудияти таҳдиди низомӣ бовар кардан дуруст нест. «Ин тавр буда наметавонад» - гуфт ӯ.



Иддае аз таҳлилгарон гумон доранд, ки ҲИӮ изҳороти дурӯғинро ба хотири таблиғи худ дар Осиёи Марказӣ, он ҷо ки дар ибтидо созмон ёфтааст ва солҳои 1999 — 2000 чанд юриш анҷом додааст, пахш кардааст.

«ҲИӮ ҳар чӣ гуфтан мегирад. Пушти суханҳои онҳо танҳо сухан аст, - гуфт Марат Мамадшоев, муҳаррири ҳафтаномаи «Азия-плюс». - Бовар дорам, ки имрӯз дар Рашт хориҷиён ё нестанд, ё он қадар каманд, ки дар бораашон кирои сӯҳбат кардан нест».

Аммо Шерматова мегӯяд, он далоил ки пушти ҳамла ҷангиёни маҳаллӣ ё ҲИӮ ҳастанд, якдигарро истисно намекунанд.

«Инҳо шояд воқеан ҷангиёни ҲИӮ буданд, шояд ҷангиёни коршарики ҲИӮ аз ҷумлаи мардуми маҳаллӣ ҳастанд, ки силоҳ нагузоштаанд» - гуфт ӯ.

Як манбаъ дар мақомоти амниятӣ ба IWPR гуфт, ҷангиёни собиқ ҳанӯз ҳамчун як нерӯ боқӣ мондаанд, ки онро наметавон дар бархе аз навоҳии шарқӣ аз ҳисоб берун гузошт, он ҷо ки дар замони ҷанги шаҳрвандӣ пойгоҳҳои ИНОТ ҷойгир буданд. Тайи солҳои тӯлонӣ, гуфт ӯ, ҳукумат ба онҳо чашм мепӯшид, зеро афзалиятҳои дигар дошт.

«Баъд аз мусолиҳа (соли 1997) ҳукумат ба ҷиноятҳои сершумори фармондеҳони собиқ ИНОТ чашм мепӯшид ва мекӯшид, ки онҳоро бо мансабҳо, корхонаҳо ва имкони даромад гирифтан аз тиҷорати маводи мухаддир «харад», - гуфт манбаъ бидуни бурдани номаш. - То ин дам... намое аз ҳукумат вуҷуд дошт — рӯзона дар маркази ноҳияҳо мансабдорону милисаҳо ва дигар намояндагони ҳукумат боэҳтиёт ҳаракат мекарданд, аммо баъд аз фаромадани шаб ҳукумат ба дасти фармондеҳони собиқи ИНОТ мегузашт».

Ин вазъ, гуфт ӯ, бахусус баъд аз чанд ҳодиса ошкор шуд - ҳамлаи соли 2007 ба кормандони корхонаи чинӣ, ки ангишт истеҳсол мекард ва соли 2008 куштори фармондеҳи нерӯҳои зудамали вазорати корҳои дохила (ОМОН) аз сӯи, ба қавле ҷонибдорони Аҳмадов, ки ҳоло дар раҳбарии гурӯҳҳои ҷангиён дар водии Рашт муттаҳам мешавад.

Дар замони ҷанги шаҳрвандӣ Аҳмадов фармондеҳи ИНОТ буд, аммо баъд аз мусолаҳаи соли 1997 ба ӯ вазифаи сардори шӯъбаи мубориза алайҳи ҷиноятҳои созмонёфтаи Раштро доданд. Ин вазъ то соли 2008 идома дошт, вақте барои боздошти ӯ ба Ғарм нерӯҳои ОМОН фиристода шуданд ва фармондеҳаш кушта шуд. (Бихонед: «Куштор дар Тоҷикистон гузаштаи начандон дурро бахотир овард»)

Манбаъи IWPR дар мақомоти амниятӣ ин ақидаро баён дошт, ки бозҷӯии куштори фармондеҳи ОМОН шаффоф набуд ва ҳукумат коре накард, то аз таҳдиди афзоянда ҷилавгирӣ кунанд.

Дар ҳамин ҳол, баҳори соли 2009 дар бораи пайдо шудани афроди мусаллаҳ (дар миёни онҳо Мулло Абдулло ҳам буд, ки таври маълум, баъд аз чанд сол аз Покистону Афғонистон ба ватан баргашт) дар кӯҳҳо овозаҳо паҳн шуданд. Ин овозаҳо ҳукуматро барои гузаронидани амалиёти низомӣ таҳрик дод, ки бар асари он дар шароити мармуз Мирзо Зиёев — шахсияти асосии ИНОТ ва фарди бомартаба дар шарқи Тоҷикистон кушта шуд.

«Баъд аз ин ҳукумат фишорро афзуд ва ин ҳол фармондеҳони собиқро ҳушёр кард. Онҳо боз ба ҷамъ овардани собиқ размандагони ИНОТ ва сарбозон аз ҷумлаи ҷавонон дар атрофи худ шурӯъ карданд» - гуфт манбаъи IWPR.

Таҳдиде, ки аз ҷунбишҳои ахир бар омад, зиёдтар мебуд, агар далоили раднашавандаи даст доштани ҲИӮ вуҷуд медоштанд.

Ба назар мерасад, изҳороти ҳукумат дар бораи даст доштани Мулло Абдулло дар ҳамла ба сарбозон мустақим ба худи ӯ рабт доранд. Тибқи гузоришҳо, фармондеҳи собиқи ИНОТ якчанд сол бо ҲИӮ дар Афғонистону Покистон ба сар бурд. Ҳамчунин хабар медиҳанд, ки Мулло Абдулло, ки номи аслиаш Абдулло Раҳимов аст, соли гузашта дар шарқи Тоҷикистон бо размандагони мусаллаҳ пайдо шудааст. (Бихонед: «Таъқиби шабаҳҳо дар кӯҳҳои Тоҷикистон»).

Дар идомаи қиссаи худ дар бораи гурӯҳҳои ҷангиёни мусаллаҳ дар шарқи Тоҷикистон, манбаъи IWPR гуфт, ба назар мерасад, он ҷо намояндагони ҲИӮ ҳам будаанд, аммо нақши асосиро бозӣ намекарданд.

Он замон, ки ҷангиёни собиқи ИНОТ ба таҷдиди гурӯҳҳои худ машғул буданд, аъзои ҲИӮ вориди шимоли Афғонистон шуданд. Пас аз солҳои тулонӣ, ки дар Покистон боз дуртар аз Тоҷикистон ба сар бурд, ҲИӮ маҳалли навро барои таҷдиди робита бо собиқ фармондеҳони тоҷик истифода кард. ҲИӮ-ро размандагони ӯзбеке созмон дода буданд, ки дар сафҳои ИНОТ дар замони ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон меҷангиданд. Ҳамин тавр, онҳо гузаштаву имрӯз ва ояндаи муштарак доранд.

«То ин дам вазъ дар кишварҳои ҳамсоя — Афғонистону Покистон бад шуд. Эътилоф ва артиши Покистон дар пайи нобуд кардани таркиби ҷангии Толибон, яъне ҲИӮ шуданд, ки ба вилояти бо Тоҷикистон ҳаммарзи Афғонистон тағйири макон мекард, - мегӯяд манбаъи IWPR. - Аъзои алоҳидаи он тариқи марзи гӯё ҳифзшаванда ба ин тарафи Ому гузаштанд, аз ҷумла Мулло Абдулло, ки бо фармондеҳони собиқи ИНОТ воҳӯрд ва онҳоро ба силоҳ гирифтан даъват кард».

Он чӣ ба ҳамла аз камин, ки ба қарибӣ рух дод, рабт дорад, афзуд ӯ, «ҲИӮ ба ин амал рабт дошт, аммо иҷрогарони асосӣ «муҷоҳидони» мо буданд»

**Барои ҳалли бӯҳрон бархӯрди эҳтиёткорона бояд**

Бӯҳрони шарқи Тоҷикистон мушкили ягонае нест, ки ҳукумат бояд ҳал кунад.

Ду корманди милиса кушта, 25 тани дигар бар асари амали террористӣ дар шаҳри Хуҷанд, дар шимоли кишвар захмӣ шуданд. Ду террористи интиҳорӣ мошини ҳомили маводи мунфаҷираро ба ҳавлии шӯъбаи минтақавии мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ронда, таркиданд. Мақомот дар ин ҳодиса ҲИӮ-ро муттаҳам карданд, аммо созмон масъулияти ин инфиҷорро ба зимма нагирифт.

Баъд аз се рӯз дар натиҷаи инфиҷор дар клуби шабонаи пойтахт Душанбе панҷ нафар захмӣ шуданд. Баъдтар милиса эълом дошт, ки ин ҳамлаи террористӣ набуд.

Ниҳоят, як далели беэътимодии ҳифзи марз бо Афғонистон изҳороти марзбонони тоҷик дар бораи он аст, ки 11 сентябр онҳо дастикам 20 узви гурӯҳи Толибонро нобуд карданд ва як ҳамхизмати худро аз даст доданд.

Коршиносон ҳанӯз рӯи вусъати ҳаводис, гунаҳкорон ва иқдомоти зарурӣ дар робита бо ҳаводиси Рашт иттифоқи назар надоранд.

Аҳмадшоҳ Комилзода, гузоришгари радиои «Садои Амрико» мегӯяд, ҳузури гурӯҳҳои мусаллаҳ таҳдиди воқеист.

«Ҳукумат бо ҳамдастии аҳолии маҳаллӣ бояд муштарак тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳад, то ин гурӯҳҳоро яктарафа кунад, ё ба хотири ҷилавгирӣ аз хунрезии бештар бо ҷангиён сари мизи музокирот нишинад» - гуфт ӯ.

Манбаъи IWPR дар мақомоти амниятӣ гуфт, ҳукумат бояд бо аҳолӣ ҳамкории танготанг дошта бошад.

«Ҳукумат қабл аз ҳама бояд дар ҷанги иттилоитӣ пирӯз шавад, то ҷомиа ниҳоят фаҳмад, ки дар Рашт чӣ мегузарад ва сукути он (ҷомиа) ҳаводиси хунбор дар пай хоҳад дошт» - гуфт ӯ.

Дар ҳамин ҳол, касе таҳаввулоти босуръати мухолифатҳо ё такрори ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ро пешгӯӣ намекунад.



«Агар воқеъбин бошем, шароит барои ҷанги дохилӣ дар кишвар вуҷуд надорад, - мегӯяд сиёсатшинос Рашид Ғанӣ Абдулло. - Агар ба солҳои 90 баргардем, ҷанг аз мубориза барои қудрат миёни элитаҳои сиёсии маҳаллӣ сар зад. Ҳоло мавзӯъи мубориза барои ҳукумат матраҳ нест. Шояд ҳастанд одамоне, ки аз амалкардҳои мақомот розӣ нестанд, аммо аз онҳое нестанд, ки ҳукуматро эътироф накунанд. Ба ҷуз ин, ҷомиа ҷангиёнро ҷонибдорӣ намекунад».

***Лола Олимова – муҳаррири IWPR дар Тоҷикистон. Наргис Ҳамробоева – гузоришгар дар Тоҷикистон, ки дар нишастҳои омӯзишӣ ширкат кардааст***

# Ҳукумати Ӯзбекистон муҳоҷирати кориро инкор мекунад

*Ин ки мақомот хоҳиши мадоро бо масоили муҳоҷирати кориро надоранд, монеаи асосӣ ба ҳимояти муассири ахириҳо шудааст.*

Садҳо ҳазор ӯзбек, ки дар хориҷа кор мекунанд, амалан ҳеҷ гуна ҳимоят намешаванд, зеро ҳукумати онҳо вуҷуди муҳоҷирати кориро эътироф намекунад, мегӯянд ҳомиёни ҳуқуқ.

Нерӯи корӣ аз Ӯзбекистон, ба монанди ҳамсоякишварҳо - Тоҷикистону Қирғизистон, солҳои ахир ба теъдоди бузург рӯ ба хориҷа овардааст. Ба умеди раҳоӣ аз вазъи бади иқтисодӣ дар ватан одамон мекӯшанд дар Русияву Қазоқистон музди хуб ба даст оранд. Бо ин вуҷуд, дар қиёс бо Тоҷикистону Қирғизистон, раҳбарияти Ӯзбекистон далели хуруҷи дастаҷамъии шаҳрвандон ба хотири мардикорӣ ба кишварҳои дигар (ҳамчунин, инро ки муҳоҷирин ба хонаҳояшон маблағҳои назаррас мефиристанд)-ро эътироф намекунанд, зеро мақомот бар ин фикранд, ки иқтисоди кишвар гул-гул мешукуфад. Дар натиҷаи ин мақомот барои риояи ҳуқуқи муҳоҷирин намекӯшанд ва аз додани нафақа ва кӯмакпулиҳо ба онҳо сарпечӣ мекунанд. Вақте шаҳрванди онҳо дар хориҷа бо муносибати бад дучор меояд ё чизе аз ин бадтар рух медиҳад, хомӯширо ихтиёр мекунанд.

Ба назар мерасад, мақомот аз он хотир ин мавқеро интихоб кардаанд, ки қисмати бузурги муҳоҷирин ғайриқонуниҳоянд, яъне гӯё вуҷуд надоранд. Аз ин хотир, дар хориҷи кишвар вақте онҳо кушта мешаванд ва ё ба ҳаводиси ногувор дучор меоянд, давлат зарурати дахолатро намебинад.

**Мақомот хуруҷи дастаҷамъии шаҳрвандонро кам нишон медиҳанд**

Ба гуфтаи намояндаи Оҷонси масоили муҳоҷирати хориҷии кории вазорати шуғл ва таъминоти иҷтимоии Ӯзбекистон, теъдоди шаҳрвандоне, ки дар хориҷа кор мекунанд, ҳамагӣ якчанд ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Аммо тибқи иттилои Гурӯҳи ташаббускори ҳомиёни мустақили ҳуқуқи Ӯзбекистон, аз ду то 5 миллион шаҳрванди ин кишвари 28-миллионнафара дар мардикорӣ хориҷ аз кишвар, асосан Русияву Қазоқистон, ҳамчунин Имороти Муттаҳидаи Араб ва Куриёи Ҷанубӣ ба сар мебаранд.

Тошпӯлод Юлдошев, таҳлилгар аз Ӯзбекистон, ки ҳоло дар Амрико ба сар мебарад, мегӯяд, бурунрафти нерӯи корӣ на фақат ба иқтисоди кишвар саҳми назаррас аз ҳисоби маблиғи интиқолии муҳоҷирин мерасонад, ки барои оилаҳои камбизоати худ мефиристанд, балки фишори иҷтимоиро, ки аз ҳисоби бекории бармало ба вуҷуд омадааст, коҳиш медиҳад.

“Ҳар як муҳоҷир ба хона, ҳадди ақал 1500 доллар тайи як сол мефиристад, ки барои аъзои оилаи дар Ӯзбекистон мондаи ӯ маблағи бузург аст, - мегӯяд ӯ. – Ба ҷуз гирифтани музди кор муҳоҷирин бо ақидаҳои нав ғанӣ мешаванд, навгониҳои корӣ мегиранд ва иддае аз онҳо баъд аз бозгашт ба ватан тиҷорати хешро оғоз мекунанд”.

Аммо ин саҳми онҳо эътироф намешавад. Ҳукумати Ӯзбекистон пойфишориро идома медиҳад, ки иқтисоди кишвар рӯз ба рӯз мустаҳкам мешавад, дар ҳоле ки ҷомиа далели хуруҷи дастаҷамъонаи мардум ба хотири мардикорӣ ба Русияро эътироф мекунад.

1 сентябр дар Рӯзи истиқлолияти Ӯзбекистон, президент Ислом Каримов дар мурочиати худ ба миллат эълом дошт, ки аз соли 1990 то 2010, то як соли фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, ММДи кишвар ба 250% афзудааст. Ба



гуфтаи ӯ, то охири соли 2010 музди миёнаи меҳнат дар кишвар ба 500 доллар хоҳад расид. Ин рақам ғайривоқеӣ ба назар мерасад, зеро аз рӯи маълумоти худи ҳукумат моҳи июн музди миёнаи меҳнат 200 доллар буд, агар аз рӯи курси расмии хушбинонаи арзи миллӣ қазоват кунем.

“Тошканд солҳои зиёд бо рушди беназири иқтисодиаш даҳанкалонӣ мекунад. Ҳар сол аз эҷоди миллион ҷои корӣ изҳорот медиҳад, дар ҳоле ки сатҳи баланди бекорӣ дар кишварро эътироф намекунад, - мегӯяд Юлдошев. – Ҳамзамон Ӯзбекистон ба содиргари асосии коргарони бекор ба бозорҳои кишварҳои дигари собиқ Шӯравӣ, аз ҷумла Русия табдил меёбад”.

Абдураҳмон Ташанов аз созмони ҳифзи ҳуқуқи “Эзгулик” – и Ӯзбекистон меафзояд: “Ин ҳама карруфари таблиғотӣ фақат намое аз беҳбудиҳоро ба вуҷуд овардааст. Аз якравии мақомот муҳоҷирини меҳнатӣ... ҳатто аз камтарин кафолатҳои иҷтимоӣ маҳруманд”

Вақте IWPR бо Оҷонси муҳоҷирати кории Ӯзбекистон дар тамос шуд, то дар бораи арқом иттилоъ гирад, намояндааш, ки аз гуфтани номаш худдорӣ кард, ҳамчунин аз эътирофи вуҷуди мушкил сарпечӣ кард:

“Ягон гуна муҳоҷирати саросарӣ вуҷуд надорад. Ин раванд мӯътадил сурат мегирад. Муҳоҷират дар чаҳорчӯби ҳуқуқӣ ҷараён дорад, - гуфт вай. - Агар ғайриқонуниҳо ҳастанд, ин масъалае нест, ки мо бо он сарукор гирем”.

**Муҳоҷирини берун аз қонун**

Тафсире, ки дар боло зикр шуд, баёнгари асли мушкил аст. Муқарраороти хуруҷ аз Ӯзбекистон ҳамчун муҳоҷири расман сабтиномшуда он қадар мураккаб аст, ки аксарияти шаҳрвандон бар даст кашидан аз онҳо арҷ мегузоранд.

Гурӯҳи кории коршиносон, лигаи ғайриҳукуматии таҳлилгарони Ӯзбекистон мегӯяд, раванди додани ариза ду ҳафта вақт мехоҳад ва хеле гарон аст барои онҳое, ки даромади хеле кам доранд ва ё умуман бекор ҳастанд.

Ба ҳар ҳол, Оҷонси муҳоҷирати корӣ барои теъдоди бузурги шаҳрвандоне, ки ариза медиҳанд, дар хориҷи кишвар кор пайдо карда наметавонад. Аз ин хотир, аксари мардум ҷон ба каф гузошта ғайриқонунӣ ба Русия меравaнд. Баъзан ба хадамоти оҷонсиҳои хусусии шуғли Ӯзбекистон рӯ меоранд, ки ваъдаи пайдо кардани ҷои корро иҷро намекунанд.

Ҳайитбой Яъқубов, раиси гурӯҳи ҳомии ҳуқуқ "Наҷот", ки дар вилояти Хоразми Ӯзбекистон аст, мегӯяд, агар инсон чанд сол дар хориҷа кор кард, ӯ аз сохтори таъминоти иҷтимоии кишвар новобаста аз он ки қонунӣ кор карда буд, ё ғайриқонунӣ, берун мемонад. Сохтори бюрократие, ки аз даврони шӯравӣ то ба ҳол тағйир нахӯрдааст, аз одамон овардани ҳуҷҷатҳоеро тақозо мекунад, ки онҳо наметавонанд дар хориҷа ба даст оранд.



"Вақте дар хориҷа кор мекунанд, онҳо пул мегиранд, аммо вақте ба хона бармегарданд, наметавонанд, масалан, ба нафақа умед бандaнд, зеро аз онҳо ҳуҷҷате тақозо мешавад, ки дар Ӯзбекистон кор кардаанд ва ё андозҳои иҷтимоиро дар ин кишвар пардохтаанд, маҳз он ҳуҷҷатҳое, ки муҳоҷирин надоранд" – гуфт Яъқубов ва афзуд, ки маҳз бо ин сабаб "агар аз муҳоҷир дар хона бачаҳои ноболиғ мондаанд, ҳамсари ӯ наметавонад барои фарзандонаш кӯмакпулӣ гирад".

**Ҳукумат бояд барои ҳифзи ҳамватанон дар хориҷ садо баланд кунад**

Коргарони Ӯзбекистон, мисли муҳоҷирин аз Тоҷикистону Қирғизистон, тибқи маъмул, холигоҳи корҳои каммузд дар сохтмонҳо, фермаҳо, хоҷагиҳои ҷангал, рӯфтани кӯчаву ҷойҳои хӯрокхӯрии ҷамъиятиро пур мекунанд.

Ба гуфтаи Юлдошев, аксари онҳо рӯзона 15 соат, дар ҳафта 6 рӯз кор мекунанд ва дар зерзаминиву дигар ҷойҳо, ки барои зиндагии одам пешбинӣ нашудаанд ва хаймаҳо тамоми сол ба сар мебаранд".

Коргарони ғайриқонуниро қонунҳои кишваре, ки дар он кор мекунанд, ҳимоят намекунанд ва онҳо маҷбуранд ба инсофи кордиҳанда умед банданд. Онҳо наметавонанд барои муносибати беадолатона ё ҳодисаҳои нохуш ҷуброн талаб кунанд ва ё ҳадди ақали музди меҳнатро талаб намоянд. Онҳо ҳамчунон аз таҳқир ва тамаъҷӯии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки онҳоро бо ихроҷ ё депортатсия таҳдид мекунанд, осебпазиранд.

"Барои хӯҷаине, ки ман кор мекунам, вазъи ғайриқонунии мо фоидаовар аст, - мегӯяд Шавкат Азизов, ӯзбеке, ки дар Қазоқистон кор мекунад. – Мо ин ҷо ягон ҳуқуқ надорем. Ба мо хӯроки хуб намедиҳанд, кам пардохт мекунанд ва рафтори дағал доранд".

Досим Сатпаев, сиёсатшинос аз шаҳри Алмаатои Қазоқистон мегӯяд: "То он даме ки муҳоҷирини кории ӯзбек беҳуқуқанд, онҳо омодаанд ба сохторҳои қудратӣ барои ҳаққи кор дар Русия пардохт кунанд. Тазод дар ин аст, ки... теъдоди муҳоҷирини ғайриқонунӣ боз меафзояд".

Нақзи ҳуқуқи муҳоҷирини корӣ, албатта, мушкили кишвари будубош аст, на Ӯзбекистон. Аммо мақомоти Ӯзбекистон барои дифоъ аз шаҳрвандони худ садо баланд намекунанд, тавре ки раҳбарияти Тоҷикистону Қирғизистон мекӯшанд бо Маскав рӯи шароити асосӣ лоақал барои муҳоҷирини қонунӣ музокира кунанд.

Оҷонси муҳоҷирати Ӯзбекистон ба вуҷуди созишнома бо Русия аз соли 2007 ишора мекунад, ки ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони Ӯзбекистонро кафолат медиҳад. Бо ин вуҷуд, ҳомиёни ҳуқуқ мехоҳанд ҳукумат созишномаҳои байнулмилалиро имзо кунад, ки тамоми ҷанбаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ - аз ҷустуҷӯи кор то бозгашт ба ватанро танзим кунад.

Гап дар бораи асноде, ба монанди Конвенсияи СММ аз соли 1990 дар бораи ҳуқуқҳои тамоми коргарони муҳоҷир ва аъзои оилаи онҳо, ҳамчунин Конвенсия дар бораи сӯитафоҳумҳо дар соҳаи муҳоҷират ва таъмини баробарии имконот ва муносибат бо коргарони муҳоҷир меравад.

Коргарони зодаи Осиёи Марказӣ дар хориҷа на фақат маҷбуранд дар шароити хатарноке кор кунанд, ки метавонанд ба ҳодисаҳои нохуш мунҷар шаванд, балки афроди мавриди ҳамлаи нажодпарастон дар Русия шудаанд.

Бюрои ҳуқуқи башари мустақар дар Маскав хабар дод, ки соли гузашта дар Русия 11 мардикори ӯзбек кушта ва шаш тани дигар сахт маҷрӯҳ шудаанд. Ба иттилои гурӯҳи ҳифзи ҳуқуқи "Наҷот", боз чор муҳоҷири дигар ин тобистон кушта шудаанд.

Муҳоҷире дар шаҳри Новосибирски Русия, ки худро Баҳром муаррифӣ кард, ба IWPR аз афзойиши раванди батамом ғайб задани муҳоҷирини ӯзбек нақл кард. Хешовандони афроди гумшуда дар аксар маврид ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат мекунанд, ки натиҷа намедиҳад. Ба гуфтаи Яъқубов, аксар мавориди куштор ва ғайбзаниҳоро мақомоти ин кишвар ҳатто таҳқиқ намекунанд. Ба овари ӯ, агар мансабдорони ҳукумати Ӯзбекистон расман аз ҳамтоёни русу қазоқашон таҳқиқи ин ҳаводсиро хоҳиш кунанд, эҳтимоли боз шудани парвандаҳо бештар мебуд. Аммо аз таҷрибаи худ ӯ мегӯяд, ки ҳеҷ гоҳ ин тавр намешавад.

"Дар Прокуратури генералии Ӯзбекистон шӯъбаи кор бо муҳоҷирини меҳнатӣ амал мекунад ва мо садҳо маротиба хоҳишнома фиристодем, ки барои дарёфти муҳоҷирини



гумшуда чораҷӯӣ шавад. Мутаассифона, имрӯз ман мисоле оварда наметавонам, ки прокуратура ё дигар оҷонси ҳукуматӣ ба ҷустуҷӯ кӯмак карда бошад, - мегӯяд Яъқубов. Дар амал онҳо ҳеҷ гоҳ ба мо посух намедиҳанд. Фақат як маротиба посух доданд, ки азбаски муҳоҷири ғайриқонунӣ вақте кишварро тарк мекард, ҳукуматро огоҳ накардааст, коре аз дасти онҳо намеояд”.

Ба ҷуз дахолати фаъоли мақомот ба вазъе, ки муҳоҷир дар хориҷа ба мушкил мепечад, Яъқубов мехоҳад, иддае аз тадобир дар худи Ӯзбекистон низ гирифта шаванд, то ҳимояти муҳоҷирин қабл аз тарки кишвар таъмин карда шавад. Масалан, боз кардани ҳисобҳои бонкӣ барои интиқоли музди меҳнаташон ва маблағ барои пӯшонидани бунёдҳои фавқулодда.

“Агар ин муҳоҷирин қонунӣ кор пайдо мекарданд, ин ба сафорат маълум мебуд, пардохтҳои иҷтимоиро ба ҳукумати Ӯзбекистон анҷом медоданд, мақомот барои сиҳативу саломатии онҳо манфиатдор мебуданд ва низ барои пайдо кардани онҳо маблағ меёфтанд (агар онҳо гум шаванд)” – гуфт ӯ.

***Шоҳида Сарварова ва Камилла Абдуллоева, тахаллуси рӯзноманигорон дар Ӯзбекистон***

# ҚАЗОҚИСТОН:

## Қонуни нав барои осон кардани дастрасӣ ба иттилоот нигаронида шудааст

Аз ин ба баъд барои мансабдорон истинод ба “махфї” будани иттилоъ ва надонистани ќонун осон нахоњад буд

Қонунгузории нав, ки дар Қазоқистон баррасӣ мешавад, дастрасии мардум ба иттилои ҳамагониро метавонад содда ва низомро бештар шаффоф кунад. Баррасиҳои ҷамъиятии тарҳи Қонуни дастрасӣ ба иттилооти ҳамагонӣ тайи моҳи август дар манотиқи мухталифи Қазоқистон сурат гирифтанд. Конфронсе, ки ахири моҳи сентябр мегузарад, тавсияҳои бадастомадаро натиҷагирӣ мекунад ва онҳоро ба вазорати мухобирот ва иттилоот барои ворид кардан ба тарҳи қонун пешниҳод менамояд. Тарҳи қонун соли оянда пас аз омода шудан ба парлумон ироа мешавад.

Мубтакири омода кардани тарҳи қонун, ҳамчунин муаллифи ақидаи нави донистани фикри намояндагони ҷомиа дафтари Барномаи рушди СММ (ПРООН) дар Қазоқистон аст. Созмонҳои шаҳрвандии маҳаллӣ ва созмонҳои рушди ВАО, ба шумули IWPR, дар баррасиҳо фаъолона ширкат доштанд, ки аз рӯи натиҷаҳо тарҳи аввалияи қонун таҳия шуд.

Зарурати қабули ҳамчунин қонунро ҳам ҳукумати марказӣ ва ҳам СҒД дарк мекунанд. Дар паёми ҳарсолааш ба миллат президенти кишвар Нурсултон Назарбоев ба он даъват кард, ки мақомоти давлатӣ фаъолияташонро бештар шаффоф кунанд ва дар назди мардум ҳисоботдиҳанда бошад. Муассисаҳои мухталифи давлатии Қазоқистон маъмулан аз баррасии кушоди корашон ва масоили ҳисоботдиҳанда будани онҳо сарпечӣ мекунанд. Шаҳрвандони оддӣ, мисле ки ба девори хиштӣ бармехӯранд, барои дастрасӣ ба иттилоъ, ки бояд озод бошад, мубориза намебаранд.

Тавсияҳо ба қонунгузории нав, эҳтимолан, кӯтоҳ кардани мӯҳлати аз сӯи институтҳои ҳукуматӣ ҷудошуда барои ироаи иттилоъ, дақиқ кардани фаҳмиши “махфият” ба хотири пинҳон дошта натавонистани мавод бо далоили шубҳанок ва низ кафолати ба монанди дархости хаттӣ сабт ва пайгирӣ шудани дархости шифоҳӣ барои гирифтани иттилоъро дарбар мегирад. Илова бар ин, тағйирот ба қонунҳои дигар тақозо мешавад, агар онҳо ба меъёрҳои шаффофият ё ҳуқуқҳои асосие, ки дар Конститутсияи Қазоқистон омадаанд, мухолифат надошта бошанд.



Дар ҳоли ҳозир мансабдорон метавонанд ба муқаррароти гуногуни қонунгузорӣ, ки ба гирифтани иттилоъ монеъ мешаванд, истинод кунанд.

Гулмира Кужукеева, ҳуқуқшиноси созмони рушди ВАО-и Интернюс-Қазоқистон ба IWPR гуфт, имрӯз ягон асноди қонунӣ нест, ки тамоми ҷанбаҳои дастрасӣ ба иттилоъро дарбар гирад. Ба ҷои ин қонуну қарор ва дастури зиёд вуҷуд доранд.

"Дар кулл мушкили дастрасӣ ба иттилоъ ҳамеша ҳам пеши шаҳрвандон ва ҳам қисми рӯзноманигорон доғ буд" – гуфт Кужукеева.



Вақте ба мансабдорон бо хоҳиши ироаи маълумот муроҷиат мекунанд, гуфт вай, онҳо метавонанд рӯйрост саркашӣ кунанд, посухи нопурра диҳанд, таъкид кунанд, ки иттилоъ махфӣ ва дастнорас аст, ё гӯянд, ки барои додани посух ба дархост масъулият надоранд. Ин ҳама ба эҷоди фазое овард, ки дар он шаҳрвандони оддӣ худро дар амре заъиф эҳсос мекунанд, гуфт вай. Онҳое, ки сарпечиро ба баҳс мекашанд, метавонанд моҳҳо интизор бимонанд ва кафолати онро ҳам надошта бошанд, ки корашон мусбат ҳал мешавад. Танҳо аз даҳ ду баҳс, ки рӯзноманигорон солҳои ахир кардаанд, мусбат ҳал шудааст.

Ҳуқуқшинос аз Алмаато Игор Лоскутов мегӯяд, мафҳуми "махфият" аксар вақт барои пинҳон доштани иттилоъ истифода мешавад.

"Масалан, дар Қазоқистон имкони дар бойгониҳо ва рӯзномаҳо пайдо кардани амри президентамон дар бораи қабул ва ё аз даст додани шаҳрвандии кишвар нест" – гуфт вай ва зикр кард, ки дар чунин аснод чизе махфӣ нест.

Лоскутов таъйид мекунад, ки қонун дар бораи иттилоъ василаи муассир барои ҳавасмандии назорати ҷамъиятӣ аз болои истифодаи маболиғи давлат шуда метавонад, дар ҳоле ки агар тадобир барои кафолати иҷрои талаботи қонунгузорӣ ва ҷазо додани институтҳои давлатие, ки онро нақз мекунанд, андешида шаванд.

Шореҳон бо ин нукта мувофиқанд, ки Қазоқистон бояд аз раванди афзойиши талабот ба озодии иттилоъ қафо намонад, бахусус вақте пешрафти фанновариҳо инро имконпазир кардааст.

"Ҳатто агар ба рӯзноманигорон нашри маълумоти муайянро дар рӯзномаҳо, телевизионҳо, радио манъ мекунанд, хоҳишмандон метавонанд ин иттилоъро аз манобеъи алтернативӣ, ба шумули интернет гиранд" – ишора кард Кужукеева.

Алия Дунганова, раҳбари тарҳи БРСММ, ки ба омода кардани қонун ва машваратҳои марбут кӯмак кард, гуфт, имрӯз меъёри асосӣ дар он аст, ки мардум бояд ҳаққи гирифтан ва пахши маълумоти ҳамагониро дошта бошанд ва нагӯянд, ки барои чӣ он зарур аст.

Дар натиҷа, гуфт вай, "ба фикрам, қабули ин тарҳи қонун миқдори иттилоъро, ки ба шаҳрвандон тариқи расонаҳои чопӣ ва интернет мерасад, меафзояд. Қонуни нав ба шуури одамон, вазъи дастрасӣ ба иттилоот ва ҳифзи ҳуқуқи башар дар Қазоқистон дар кулл таъсир мегузорад".

***Ярослава Науменко, рӯзноманигор аз Қазоқистон, ки дар нишастҳои омӯзишии IWPR ширкат кардааст***

## Қазоқистонро барои маҳдуд кардани нақши САҲА дар ҳуқуқи башар муттаҳам мекунанд

*Интизороти ҳомиёни ҳуқуқ аз натиҷаҳои нимсолаи аввали сарварии Қазоқистон дар САҲА баровarда нашудааст*

*Ним соли аввали сарварии Қазоқистон дар Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) кишварро демократитар накард, мегӯянд ҳомиёни ҳуқуқ.*

Ҳомиёни ҳуқуқ таъкид бар он доранд, ки дар соҳоте чун озодии ҷаласаҳо, виҷдон ва баён, вазъ ҳатто коҳиш ёфтааст. Онҳо ҳатто ҳушдор медиҳанд, ки Қазоқистон, чун сарвари САҲА бо кам нишон додани аҳамияти масоили ҳуқуқӣ ва тамаркуз рӯи масоили амнияти минтақавӣ, таъсири меъёрҳоеро, ки худи созмон пешбинӣ мекунад, коҳиш додааст.

Дар конфронси "ченакҳои инсонӣ"-и САҲА вазири корҳои хориҷаи Қазоқистон ва раиси амалкунандаи САҲА Канат Саудабаев дастовардҳои кишварашро номбар кард.

"Имрӯз дар Қазоқистон эҷоди институтҳои демократӣ ва ҷомиаи шаҳрвандӣ ниҳоӣ шудаанд. Сохтори интихоботи демократӣ ва сохтори судии мустақил сохта шудаанд. ВАО озодона фаъолият доранд, аҳзоби сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ғайриҳукуматӣ рушд мекунанд" – зикр кард Саудабаев.

Ҳомиёни ҳуқуқи Қазоқистон, ки 10 июн дар мулоқоти Копенгаген ширкат карданд, сӯҳбатҳои вазирро мавриди интиқод қарор дода, изҳор доштанд, ки беҳбудиҳои гуфтаи ӯ назаррас нестанд.

Масъалаҳои асосиеро, ки нигарониро ба вуҷуд овардаанд, Роза Оқилбекова, раиси иҷроияи Бюрои байнулмилалии ҳуқуқи башар ва риояи қонуни Қазоқистон номбар кард. Сарвари ин ниҳод Евгений Жовтис дар зиндон ба сар мебарад.

Ба гуфтаи ӯ, муқаррароти созмон додани аҳзоби сиёсӣ ҳанӯз пӯшида боқӣ мемонанд ва амалан тасдиқи расмиро тақозо мекунанд. Аммо қонунгузории нав, ки дар баррасии парлумон аст, ҷарима ё боздоштро ҳамчун ҷазо барои гузаронидани ҷаласаҳои бидуни иҷоза пешбинӣ мекунад. Озодии динӣ низ бо қоидаҳои нав барои мубаллиғоне, ки

ба кишвар меоянд ва рейдҳои муназзами пулис дар ҷойҳои гузаронидани ҷаласаҳои динӣ маҳдуд шудааст.

Оқилбекова дар бораи озодии ВАО гуфт, рӯзномаҳоро метавонанд боздошт кунанд ва нашрияҳои чопиву ширкатҳои радиотелевизиониро ба он далел мебанданд, ки дар онҳо инъикоси ҳаводиси марбут ба ҳукумат аз ҳад зиёд интиқодӣ аст.

Тағйироти ахир дар қонунгузорӣ муқаррарот дар бораи ҷазо барои тӯҳматро ҳамчун ҷиноят бидуни тағйир гузошт. "Озодии баён дар Қазоқистон дар қиёс бо даҳ соли пеш дар ҳолати бадтар қарор дорад, - гуфт ба IWPR Розлана Таукина, раҳбари бунёди "Рӯзноманигорон дар хатар". – Ҷомиаи ҷаҳонӣ бо ҳама далоили қонуншиканиҳо дар соҳаи озодии баён дар Қазоқистон ошно нест. Аммо ҷомиаи ҷаҳонӣ ба далелҳои маълуми қонунвайронкуниҳо дар озодии баён фақат нозир аст ва аксуламалеро дар ин робита нишон намедиҳад, то Қазоқистонро барои иҷрои масъулиятҳои демократии бар дӯш гирифтааш водор кунад".

Вақте ҳукумати Қазоқистон барои сарварии САҲА ариза пешниҳод кард, аз ҷумла ваъда дода буд, ки вазъи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро беҳбуд мебахшад. Қазоқистон кӯшишҳои ба даст овардани курсии раҳбарии САҲА-ро ҳанӯз соли 2003 шурӯъ карда буд ва ин роҳро наметавон ҳамвор гуфт. Иддае аз аъзои созмон, бахусус Иёлоти Муттаҳида ва Британиёи Кабир шак доштанд, ки кишвар ба нақши сарварии созмон арзанда аст. Шакки онҳо бо назардошти шубҳангез будани демократӣ баргузор шудани интихоботҳо, маҳдудиятҳо дар озодии баён, инҳисори амалии ҳукумат дар ВАО, бархӯрди номуносиб бо рақибони сиёсӣ ва дигар масоил баён шуда буд.

Коршиносон Қазоқистонро бо он муттаҳам мекунанд, ки сарварии САҲА-ро барои нигаронидани таваҷҷӯҳи созмон истисноан ба масоили амният ва ҳалли муноқишаҳо истифода мекунад ва ба ӯҳдадориҳои созмон дар амри демократикунонӣ ва ҳалли масоили ҳуқуқи башар дар кишварҳои узваш кам таваҷҷӯҳ мекунад.

Вазири корҳои хориҷа Канат Саудабаев ин самтҳои афзалиятнокро моҳи январи соли равон, вақте Қазоқистон раёсатро ба даст овард, шарҳ дод ва зикр кард, ки таваҷҷӯҳи вижа ба ҳалли ҳамчунин бӯҳронҳо, аз қабили Афғонистон ва Қаробоғи Кӯҳӣ равона хоҳад шуд.

Аз он замон ба ин сӯ Саудабаев бо раҳбарони Арманистону Озарбойҷон мулоқот кард, то имкониятҳои гузаронидани музокиротеро, ки тавонад ба бӯҳрони тӯлонӣ дар Қаробоғ хотима бахшад, баррасӣ кунад. Раис ҳамчунин ба Кобул ҷиҳати баргузории мулоқотҳо рӯи мубориза бо тиҷорати маводи мухаддир дар Афғонистон ва таҳкими амният сафар кард.

Аммо коршиноси аршад Досим Сатпаев шак дорад, ки Қазоқистон кори бузурге барои ҳалли ҳамчунин бӯҳронҳои муракааб карда тавонад.

"Дар сиёсати хориҷӣ Қазоқистон як гуна фаъолият нишон медиҳад, аммо аҳромҳои воқеии таъсирро дар даст надорад", - гуфт Сатпаев. Дар бораи вазъи Афғонистон бошад, вай гуфт, "ҳама мефаҳманд, ки САҲА ин қазияро ҳал карда наметавонад ва худи Қазоқистон ҳам имкониятҳои маҳдуд дорад".

Дар ҳамин ҳол, ягон чорабинии марбут ба ҳуқуқи башар, ки аз сӯи Қазоқистон созмон ёфт, ин конфронси САҲА дар бораи таҳаммулпазирӣ ва бетабъизӣ буд, ки авохири моҳи июн дар Остона баргузор шуд.

Ба андешаи Сатпаев, намояндагии Қазоқистон дар САҲА ба рушди дохилии кишвар ягон гуна тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд наовард.

"Ин ҳама бештар таблиғи сиёсиро ба хотир меорад ва чунин эҳсос мешавад, ки вазифаи аслии ин ҳама давутозҳо гузаронидани нишасти САҲА дар Остона аст" – гуфт он.

Манбаъе дар САҲА, ки нахост номаш бурда шавад, ба IWPR гуфт, тарзи қазоқистонии раҳбарӣ ягон дастоварди нодирро ба вуҷуд наовард ва меъёрҳои демократиеро, ки барои идораи ҳамчунин созмон заруранд, поён бурд.



"Ин барои САҲА осон намеафтад, зеро баъд аз раёсати Қазоқистон ба дигар раисони эҳтимолӣ зарур меояд дигар меъёрҳо (и бештар поёнӣ)-ро истифода кард, - гуфт вай. – Дар Қазоқистон аз ибтидои сол вазъи соҳаи демократия хеле назаррас коҳиш ёфт ва ин пеш аз ҳама гуноҳи нақши имрӯзаи Қазоқистон аст".

***Андрей Гришин, корманди Бюрои байнулмилалии ҳуқуқи башар ва риояи қонуни Қазоқистон***

# ҚИРҒИЗИСТОН

## Ақидаи сокинони Қирғизистон дар бораи вуруди нерӯҳои пулиси САҲА яксон нест

*Миёни мухолифони вуруди нерӯҳои пулиси САҲА сиёсатмадорон ва афроди манфиатдор ҳастанд*

Нақшаҳои ворид кардани гурӯҳи байнулмилалии пулис ба ҷануби Қирғизистон пас аз даргириҳои қавмӣ дар ибтидои моҳи июн норизоиятии онҳоеро ба вуҷуд овард, ки мегӯянд, ин ибтикор ҳамчун "чароғи сабз" барои дахолати хориҷӣ арзёбӣ мешавад.

Як қатор таҳлилгарон бар ин назаранд, ки вокуниш ба ин ҳодиса тасвире аз муборизаи сиёсӣ аст. Кишварҳои узви САҲА 22 июл бо иттифоқи оро ба ворид кардани гурӯҳи машваратии пулис (ГМП) дар ҳайати 52 нафар раъй доданд. Барои ҷойгиркунии гурӯҳ дар кишвар қарори ниҳоии ҳукумати Қирғизистон зарур аст, ки бояд охири моҳи август ба тавсиб расад ва баъд аз он ГМП бо сохтани ситод дар Ӯш машғул мешавад. Будубоши онҳо чор моҳ идома хоҳад кард ва он гоҳ тамдид мешавад, ки раҳбарияти Қирғизистон дар ин бора дархост пешниҳод мекунад.

Қарори САҲА пас аз мурочиати мақомоти Қирғизистон барои кӯмак баъд аз чанд рӯзи даргириҳои қавмӣ миёни қирғизҳо ва ӯзбекҳо, ки моҳи июн дар шаҳрҳои ҷанубии Ӯшу Ҷалолобод ва атрофи онҳо ба вуқӯъ пайваст, сурат гирифт. Тибқи иттилои ахири вазорати тандурустии ҶҚ, он рӯзҳо 355 нафар кушта шуданд. Манзили зиёд, мағозаҳо ва дигар биноҳо бар асари ғоратгариву сӯхтор тахриб диданд.

Гурӯҳи машваратӣ бо мониторинги фаъолияти ҷузву томҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ машғул мешавад, ба онҳо дар бораи барқарор кардани низом ва коҳиш додани баҳсҳои қавмӣ машварат медиҳад. Шаш гурӯҳи иборат аз ҳафт пулис, миёнарав барои кор бо ҷамоаҳои маҳаллӣ ва тарҷумонҳоро кормандони милиса, ки кӯчаҳоро назорат мекунанд, ҳамроҳӣ хоҳанд кард. ГМП аз кормандони пулиси Русия, ИМА, Булғористон, Туркия, Литва ва Финландия иборат хоҳад буд.

«Пулисҳои мушовир ҳамчун ҷониби бетараф дар маҳалҳо барои барқарор кардани боварӣ миёни мардум ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ нақши муҳим хоҳанд бозид", - гуфт ба IWPR Лилиан Дарий, муовини сарвари Маркази САҲА дар Бишкек.

Афроди расмӣ дар Қирғизистон мегӯянд, гурӯҳҳои пулиси САҲА миёни милиса, ки асосан аз қавми қирғизанд ва сокинон, бахусус ӯзбекҳо нақши миёнаравро хоҳанд бозид.

Фарид Ниёзов, раҳбари Маркази иттилоотӣ-ҳамоҳангсозии дастгоҳи президенти ҶҚ ба IWPR гуфт, ҳамчунин нерӯ дар ҳоли ҳозир зарур аст, зеро мақомоти маҳаллӣ дар ҷануб равобити ду ҷамоаро ба роҳ монда натавонистанд.

"Президенти кишвар барвақт ин масъаларо... ба миён гузошта буд, ки мансабдорони маҳаллӣ ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ бояд робитаро ба роҳ монанд ва сатҳи баланди эътимод миёни шаҳрвандон ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро таъмин намоянд, - гуфт вай. – Мутаассифона, ин ҳадаф ба даст наомад".

Миёни мухолифони вуруди гурӯҳи пулисҳо мансабдорони маҳаллӣ дар ҷануби Қирғизистон ва ҳамчунин ҳаракати шаҳрвандие бо номи "Халқи Қирғизистон алайҳи вуруди нерӯҳои хориҷӣ" ҳастанд, ки ахирӣ миёнаҳои моҳи июл якчанд намоиш дар Бишкек ва дигар нуқтаҳои аҳолинишин баргузор кард.

Онҳо ҳушдор медиҳанд, ки ҳузури хориҷӣ вазъро мураккаб мекунад, обрӯи милисаи маҳаллиро мекоҳад ва низ ин ҳузур метавонад ба мӯҳлати номуайян идома кунад.

Айбек Саипов, яке аз созмондиҳандагони ҳаракати шаҳрвандии "Халқи Қирғизистон алайҳи вуруди нерӯҳои хориҷӣ" мегӯяд, зарурате барои ворид кардани ҳузури нерӯҳои САҲА нест.

"Вазъият каму беш ба субот меояд. Мардум ва ҷавонон ҷамъ мешаванд ва ба милисаҳо кӯмак мекунанд" – гуфт вай.

Соипов инкор мекунад, ки пушти ҳаракати ӯ ягон гурӯҳи сиёсӣ қарор дорад.

Ҳангоми намоишҳо эътирозгарон шиорҳоро бо матни "Ин кишварро намегузорем, ки ба Косово табдил ёбад" дар даст доштанд, ки ақидаи онҳо дар бораи бо истифода аз ҳузури хориҷӣ даъвои мухторият кардани ӯзбекҳоро инъинкос мекунад. Онҳо монандиҳо бо Косоворо мебинанд, ки аз қисмати Сербистон ба кишвари мустақили албанӣ табдил ёфт.

Сиёсатшинос Марс Сариев бо ин нигарониҳо розӣ аст ва тахмин мезанад, ки пулиси САҲА метавонад аз ақаллияти ӯзбек пуштибонӣ кунад ва нақзи ҳуқуқи ӯзбекҳо хабар диҳад. Ба тахмини ӯ, ҷамоаи ӯзбекҳо аз ин сӯистифода ва вазъро доғ мекунад. Он гоҳ нерӯҳои пулис метавонанд ба болоҳо гузориш диҳанд, ки ӯзбекҳо метавонанд ягон мухторият дошта бошанд. IWPR бо ин суолҳо ба ситоди марказии САҲА дар Вена мурочиат кард ва посух гирифт, ки эҳтимоли вуруди нерӯҳои пулис бо дархости ҳукумати Қирғизистон баррасӣ шудааст ва вазифаи гурӯҳи машваратии пулис "мусоидат ба кӯшишҳои эҷоди эътидол ва эътимод аст, ки барои барқарор кардани робита миёни ду ҷамоа ваояндаи муштарак зарур аст".

Коршиносони дигар мегӯянд, бо ин ҳама нигарониҳои сохтанашуда дар бораи сарнавишти истиқлолияти кишвар, қисмати мухолифинро гурӯҳҳое идора мекунанд, ки нақшаву манфиатҳои худро доранд.

Бархе аз онҳо, масалан, мансабдорон ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷануби Қирғизистон ҳастанд, ки нерӯҳои пулиси САҲА-ро таҳдиди рӯйирост ба қудрати худ қабул мекунанд. Дар ҳамин ҳол, аҳзоби муайян вазъи мавҷуди сиёсиро ҳамчун воситаи "худнишондиҳӣ" қабл аз интихоботи парлумонии моҳи октябр истифода мекунанд.

"Масъала... аз ҳад сиёсӣ шудааст, - гуфт коршиноси маркази таҳлилии Бишкек "Полис Азия" Павел Дятленко. – Аксари нерӯҳои сиёсӣ дар арафаи интихоботи парлумонӣ мекӯшанд бо роҳҳои сунъӣ дар ин масъала хол ба даст оранд. Истисно нест, ки бархе сиёсатмадорон ин масъаларо барои ҳаракати шахсиашон ба фазои иттилоотӣ хеле мувофиқ медонанд».

Ҳомии машҳур ҳуқуқ Азиза Абдурасулова аз созмони "Килим Шами" гуфт, мухолифони вуруди нерӯҳои САҲА "онҳоеро дарбар мегирад, ки иттилоъи дуруст надоранд ва фикр мекунанд, ки агар нерӯҳои пулис ин ҷо оянд, онҳо кишварро забт мекунанд. Гурӯҳи дуввум онҳоеанд, ки дар ин ҳаводис (зӯроварӣ) даст доранд ва метарсанд, ки корҳои ғақриқонунии онҳо ошкор мешавад. Гурӯҳи саввум бархе аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳастанд, ки аз ин вазъ фоида ба даст меоранд, аз боздоштшудаҳо пул меситонанд, ришва мегиранд ва парвандаҳои ҷиноиро тақаллуб мекунанд".

Вазири корҳои дохилаи Қирғизистон Қубатбек Байболов гуфт, баҳсҳои тезутунд робитаи дур бо далелҳо доранд.

"Ин чизе беш аз муборизаи сиёсӣ нест ва василае барои интихоботи ояндаи парлумонӣ аст" – иқтибос мекунад Байболовро оҷонси телеграфӣ (КирТАГ).

Ба назари ду рӯзноманигор аз ҷануби Қирғизистон вазъ монанд ба ин нест, ки рӯҳияҳои зидди САҲА афзойиш ёбанд. Ҳеҷ яке аз онҳо нахост номашро зикр кунад, зеро вазъ дар ҷануб ҳанӯз ҳам таҳким наёфтааст.

Як рӯзноманигор аз Ӯш гуфт, сокинони ӯзбеки шаҳр ин нақшаро ҷонибдорӣ мекунанд, зеро ба шӯъбаҳои сохторҳои маҳаллии ҳифзи ҳуқуқ бовар надоранд. Рӯзноманигори дигар, ки шоҳиди яке аз эътирозҳо алайҳи вуруди ГМП аст, гуфт, дар он фақат ҳудуди 700 нафар ширкат доштанд.

"Ман бештар ба он фарзия моилам, ки инҳо намоишҳои тарҳрезишудаанд. Онҳо сунъӣ аз сӯи мухолифони вуруди гурӯҳи пулиси САҲА созмон дода шудаанд, - гуфт ӯ. – Ба фикри ман, аҳолӣ ҳоло дақиқан дар фикри САҲА нест. Ҳоло онҳоро масоили маишӣ, аз қабили барқарор кардани вайронаҳо ва масоили байниқавмӣ ба ташвиш овардаанд".

Коршиноси масоили амниятӣ Леонид Бондаретс мегӯяд, гурӯҳи пулиси САҲА хеле камшумор хоҳад буд ва доираи салоҳияти он барои таъсир ба вазъ хеле маҳдуд аст.

"Ин гурӯҳи 52-нафара фақат метавонад иттилоъ ҷамъ орад, на беш аз ин", - гуфт Бондаретс ва ҳадс зад, ки ГМП айбдоркуниҳои ду ҷонибро ҷамъ оварда, баҳсҳоро фақат бештар мекунад, на коҳиш медиҳад.

Аммо Абдирасулова гуфт, нерӯҳои САҲА метавонанд барои барқарории эътимод дар фазое, ки бархе шаҳрвандон милисаро аз ҳад золим ва ғайриқобили боварӣ меҳисобанд, саҳми воқеӣ гузоранд.

"Агар нерӯҳои пулиси САҲА оянд, яъне умеди он зинда мешавад, ки милисаҳо масъулиятҳои худро бар пояи қонун иҷро мекунанд ва онро нақз намекунанд, аз ҷумла боздоштшудагонро намезананд, ба вакилони дифоъ дастрасӣ медиҳанд, дар ҳолатҳои зарурӣ кӯмаки тиббӣ мерасонанд ва наздикони боздоштшударо огоҳ мекунанд" – гуфт вай.

***Темур Токтоналиев, рӯзноманигор аз Бишкек, ки дар нишастҳои омӯзишии IWPR ширкат кардааст***

## Аҳзоби Қирғизистон ба эҷоди эътилоф шурӯъ карданд

Пеш аз он ки президент расман ҳизберо интихоб мекунад, ки ҳаққи ташкили эътилофро хоҳад дошт, музокирот дар бораи ташкили аксарияти парлумонӣ шурӯъ шудаанд

Интихоботи парлумонӣ дар Қирғизистон пирӯзи яккатозро ба миён наоварданд. Панҷ ҳизбе, ки аз рӯи натиҷаҳои қаблӣ дар Жогорку Кенеш ҷой гирифтанд, беистиҳола вориди музокирот ҷиҳати ташкили эътилофи раҳбар шуданд, ки сарвазири навбатиро пешниҳод хоҳад кард.

Интихоботи 10 октябр хеле ором гузашт, ки бешак дастовард аст, агар ташаннуҷи сиёсии кишвар аз замони иҷборан тарки вазифа кардани Қурмонбек Боқиев ва вуқӯъи ноамниҳои моҳи июл, ки дар пай 400 кушта ба ҷой гузошт, ба ҳисоб гирифта шавад. Худи раванди баргузории интихобот ғайриинтизор аз сӯи нозирони байнулмилал, ки интихоботро дар кулл шаффоф ва мунсифона арзёбӣ карданд, баҳои баланд гирифт.

"Чанд ҳафтаи ахир нишон доданд, ки Қирғизистон метавонад интихобот баргузор кунад ва он чандандешӣ, ташкили мустақилонаи интихобот ва эҳтироми озодиҳои асосиро дарбар гирад" – гуфт Корин Ёнкер, сарвари миссияи дарозмуддати назорати интихоботҳои БДИПЧи САҲА.

Ба иттилои оҷонси хабарии 24.kg, дар нишасти матбуоии 13 октябр вазири адлияи ҶҚ Аида Салянова тавзеҳ дод, ки дар оянда чӣ рух хоҳад дод: азбаски ягон ҳизб аксарияти мутлақи ороро нагирифт, президенти даврони гузариш Роза Отунбоева ба яке аз онҳо барои ташкили эътилоф муроҷиат мекунад. Бешак, агар як ҳизб тавонад, ки блоки аксариятро дар ҳукумати муваққатӣ ташкил кунад, президентро лозим меояд, ки ризоият диҳад. Аз ин хотир, панҷ ҳизб, ки дар ҳукумат ҷой мегиранд, аллакай сари музокирот нишастаанд.

Ду варианти асосии ташкили эътилоф вуҷуд дорад. Яке аз онҳо ширкати ҳизби «Ата-Журт»-ро, ки бо гирифтани қариб нӯҳ дарсади оро (аз 120 28 ҷой дар парлумон) аз дигар аҳзоб пешсафтар аст, дар назар дорад.

«Ата-Журт» нерӯи нави сиёсист, ки тавонист пуштибонии назарраси интихобкунандагонро дар ҷануби Қирғизистон ба даст овард, худро ҳизби "миллӣ-ватандӯст" меномад

ва иттиҳомот дар бораи онро, ки бар ақоиди миллатгароӣ арҷ мегузорад, рад мекунад.



Варианти дуюм ташкили блоки намояндагони ҲСДК ва ҳизби "Ата – Мекен" аст, ки аз рӯи натиҷаҳо ҷои дуввум ва панҷум (26 ва 18 ҷой дар парлумон)-ро гирифтанд. Ҳарду ҳизб бо маъмурияти муваққатӣ, ки моҳи апрел ба ҷои президенти сарнагуншуда Қурмонбек Боқиев омад, робитаи зич доранд. Аъзои ин ҳизбҳо дар ҳукумати имрӯза дар саросари кишвар мақомҳои калидиро ба даст гирифтаанд.

Барои гирифтани аксарияти мутлақи зарурӣ ҳар яки ин гурӯҳҳоро мебояд дастгирии аҳзоби боқимондаро ба даст оранд, қабл аз ҳама соҳиби мақоми саввум "Ар-намис" (25 ҷой) ва «Республика" (23 ҷой).

Сиёсатшиноси саршинос Марс Сариев рақобати ду эътилоф – "Ата-Журт" ва "Ар-намис" бо сотсиал-демократҳову "Ата-Мекен"-ро пешгӯӣ мекунад.

"Ин ду гурӯҳ барои "Республика" мебориза мебаранд, зеро барои онҳо ҳизби саввуме зарур аст, ки бо ҳамдастиаш кабинети вазиронро ташкил кунанд" – гуфт вай.

Сиёсатшинос Валентин Богатирев мегӯяд, ба ҷуз ду блоки намоён "дигарон ҳам метавонанд бошанд, эътилофҳои хеле нодир ва ҳамчунин эътилофҳое, ки беш аз се ҳизбро дарбар мегиранд, агар миёни ҳамдигар сари тақсими курсиҳо мусолаҳа карда тавонанд".

Ҳамчунин, мегӯяд вай, эҳтимол дорад, ки бархе аҳзоб аз раванди ташкил кардани эътилоф берун раванд, ба он хотир ки худро бо ин таҷрибаи манфии ҳукумати нав дар давраи зимистон олуда накунанд, вақте маъмулан кишвар бо таъмини барқ мушкил дорад.

"Ба ҷои ин онҳо паси пайдо кардани мавқеъ қабл аз интихоботи президентӣ мешаванд, ки моҳи июли соли 2011 баргузор мешавад" – гуфт Богатирев.

Вариантҳои гуногуни рушди ҳаводис натиҷаи қабули Конститутсияи нав аст, ки аз рӯи натиҷаҳои раъйгирии июни соли 2010 ва бо ҳадафи ба даст овардани демократияи бештар тасдиқ шудааст.

Конститутсияи нав ба парлумон ваколатҳои зиёд, аммо ба президент ваколатҳои камтарро қойил мешавад, то аз батадриҷ табдил ёфтани Қирғизистон ба давлати низомаш худкомаи монанд ба ду режими қаблӣ ҷилавгирӣ кунад.

Акнун вақте қудрат ба шохаи қонунгузор тааллуқ дорад, ҳеҷ як аз ҳизби ҳоким наметавонад натиҷаҳоро ба нафъи худ тағйир диҳад. Тибқи Конститутсия миқдори курсиҳои парлумон аз 90 ба 120 афзойиш ёфтаанд ва дар ин интихобот теъдоди дар қабл бемисл – 29 ҳизб ширкат доштанд.

Ба назари Марс Сариев, натиҷаҳои интихобот гувоҳи онанд, ки нерӯҳои асосии сиёсӣ дар парлумон ҳастанд, на берун аз он, ки ин ба назму субот умедвор мекунад. Дар ҳоле ки бархе «Ата-Журт»-ро ҳизби дастнишондаи Боқиев ва ҷонибдори баргардонидани ӯ аз Белорус (худи ҳизб инро рад кард) унвон мекунанд, Сариев ба ин фикр нест, ки ин имконпазир аст.

"Ин тақсимот тавсифи воқеии харитаи сиёсии Қирғизистонро нишон медиҳад... Фикр намекунам, ки аҳзоби ба парлумон роҳнаёфта киштиро меҷунбонанд, зеро бозигарони асосие, ки захираҳои воқеӣ барои ҷунбонидани он доранд, ба парлумон роҳ ёфтаанд" –гуфт ӯ.



"Ҳоло созишномаи ғайрирасмии нухбагон идома хоҳад кард. Онҳо рӯи ҳусни тафоҳум, тавозуни манофеъ, тақсими захираҳои маъмуриву молиявӣ созиш мекунанд. Дар бораи интиқоми Боқиев гуфтан, ба фикрам, намеарзад" – афзуд Сариев.

Алексей Малашенко, коршиноси масоили Осиёи Марказӣ аз Маркази Карнеги дар Маскав мегӯяд, ҳоло зарур аст, ки аҳзоби интихобшуда барои қудрат пушти деворҳои парлумон мубориза баранд.

"Раҳбарои аҳзоб ғарази зиёд доранд. Расидан ба як мусолиҳа хеле мушкил, аммо зарур аст, зеро агар ба он нарасанд, вазъи ҳама бад мешавад, - гуфт вай. – Ҳозир мубориза барои қудрат шурӯъ мешавад. Агар он дар кадом як шакли парлумонӣ идома кунад чӣ аҷаб. Ин маънои онро хоҳад дошт, ки давраи аввали на он қадар соддаи парламентаризм (дар Қирғизистон) бо муваффақият сипарӣ шуд".

Малашенко дар бораи тақсимоти билқувва дар раванди сиёсӣ гуфт: "Бовар надорам, ки миллатгароии қирғизӣ пеш меояд, аммо ҳамчунин раванд вуҷуд дорад ва аз мадди назар дур кардани он ҳам хуб нест. Ҳамчунин хеле муҳим аст, ки касе қартаи шимолқ ҷанубро ба бозӣ надарорад".




Барои Богатирев “суоли асосӣ он аст, ки оё ҳукумати нав аз ӯҳдаи кор хоҳад баромад ё на. Лаҳзаҳое пеш меоянд, ки вазир аз як ҳизб ба сарвазире, ки аз ҳизби дигар аст, гӯш намекунад. Ин барои Қирғизистон дар марҳалаи кунунӣ марговар аст”.

***Павел Дятленко, коршиноси Маркази «Полис Азия» дар***

***Бишкек, Темур Токтоналиев, рӯзноманигор дар Қиргизистон, ки дар нишастҳои омӯзишии IWPR ширкат кардааст***

***Акс: Игор Коваленко ва Темур Раҳимқулов***

# ТОҶИКИСТОН

## Лоиҳаи қонун оиди ВАО дар Тоҷикистон: дар ин ҷода ҳанӯз корҳои бисёреро бояд ба сомон расонид

Медиакоршиносон даъвати гузаронидани машваратҳоро доранд, то ин ки қонунгузории нав озодии бештари матбуотро таъмин намояд.

Рӯзноманигорон дар Тоҷикистон мегӯянд, ки лоиҳаи қонуне, ки барои тағйирдиҳии қонуни мавҷуда дар бораи ВАО равона карда шудааст, камбудиҳои зиёд дошта, ниёз ба такмил дорад. Онҳо мехоҳанд, ки лоиҳаи қонун ба муҳокимаи ҷомеъа бароварда шавад, ҳамчунин тавсияҳои онҳо ба лоиҳа то он даме, ки он барои дидабароии парлумон ирсол мешавад, дохил карда шаванд.

Вакил Олим Салимзода, яке аз муаллифони лоиҳаи қонун мегӯяд, ки тавсияҳо аз медиакоршиносон ва рӯзноманигорон ҳангоми коркарди лоиҳаи қонун ба инобат гирифта шуда буданд. Айни ҳол ҳуҷҷат дар кумитаҳои кории парлумон ва ҳукумати Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дорад ва пас аз мувофиқат шудан, онро барои дидабароӣ ба парлумон ирсол менамоянд. Эҳтимол, ин аллакай моҳи сентябр, пас аз бозгашти вакилон аз таътили тобистона ба амал меояд.

Қонуни амалкунанда дар бораи ВАО ҳанӯз соли 1990, як сол пеш аз он, ки Тоҷикистон пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ соҳибистиқлол гашт, қабул шуда буд. Аз он замон то инҷониб панҷ маротиба ба он ислоҳҳо дароварда шуда буданд, вале барои ҳамагон фаҳмост, ки азнавдидабароии кулли ин қонун лозим аст.

Ба гуфтаҳои Салимзода, ислоҳот боиси он мегардад, ки қонун «ба ҳамаи талаботҳои рӯзноманигории имрӯза ҷавобгӯ бошад». Тағйироти асосӣ он аст, ки рӯзноманигорон ба иттилооти расмӣ дастрасии бештарро пайдо мекунанд. Мақомоти давлатӣ вазифадор мегарданд, ки бо дархости рӯзноманигорон на дар давоми як моҳ мисли пешина, балки дар давоми се рӯз, ҷавобҳои расмӣ пешкаш намоянд. Ин сатҳи масъулиятнокии мансабдоронро баланд гардонида маҷбур месозад, ки ба маводҳои танқидӣ дар ВАО вокуниши саривақтӣ намоянд, илова кард Салимзода.

Раиси Ассотсиатсияи миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон (НАНСМИТ) Нуриддин Қаршибоев чунин мешуморад, ки қонуни нав пешравии воқеӣ мебошад ва қайд мекунад, ки ба он қариб 90% тавсияҳои аз ҷонибӣ ташкилоти ӯ пешниҳод шуда, дохил шудаанд.

Вале дигар кормандони ташкилотҳои рӯзноманигорӣ ва коршиносон баҳои мусбии ӯро дастгирӣ наменамоянд, зеро қонун аз назари онҳо ҳанӯз номукаммал аст.

«Дар лоиҳаи қонун иловаҳои нофаҳмо зиёданд, ки барои сухани дилхоҳ рӯзноманигор ҷазо гирифта метавонад», - мегӯяд сардабири рӯзномаи «Фараж» ва котиби генералии Медиа Алянси Тоҷикистон Хуршед Атовулло ва меафзояд, ки дар қонун мафҳуми дақиқи он чизе, ки контенти манъшуда ҳисобида мешавад, масалан, терроризм ё порнография вуҷуд надорад.

Дар шакли кунунии худ ҳуҷҷати нав аз «таҳрири косметикии қонуни нав» дида, чизе беш нест», - мегӯяд Атовулло.

Ӯ илова намуд, ки Медиа Алянс таҳияи лоиҳаи қонуни алтернативиро дар нақша дорад.

Баҳсҳо атрофи моддаи лоиҳаи қонун, ки нашри маводҳоеро, ки «шаъну шарафи давлат ва президентро бадном месозанд» пайдо шуданд. Ин модда ба даъватҳои ҳомиёниҳуқуқ оиди бекор кардани ин меъёри қонунӣ нигоҳ накарда, бетағйир монд ва ба қонуни нав гузашт.

Ҳуқуқшиноси матбуотӣ Фарухшо Ҷунайдов мегӯяд, ки аввалан давлат шахсият нест ва бинобар ин бадном карда намешавад, дар ҳоле ки президент набояд

ҳимояи махсус дошта бошад, зеро мувофиқи Сарқонуни Тоҷикистон дар назди қонун ҳама баробар ҳастанд.

Он ҷиҳатеро, ки ин модда дар ягон таъқиботи судӣ ҳамчун асос истифода бурда нашудааст, қайд намуда, Қаршибоев бо он нукта розӣ аст, ки ин модда бояд бекор карда шавад, то Тоҷикистон ба меъёрҳои умумиқабулшудаи байналмиллалии озодии баён наздик ояд.

Салимзода иброз дошт, ки на ӯ ва на дигар ташаббускорони лоиҳаи қонун аз мавқеи худ нисбати ин моддаи қонун даст намекашанд.

«Мо ин моддаро истисно намекунем, - гуфт ӯ. - Он ба ягон принсипҳо мухолифат наменамояд. Мо бояд президентро эҳтиром намоем. Барои ӯ мардум овоз дода, интихоб намудааст».

Сардабири рӯзномаи «Нигоҳ» ва раиси ташкилоти ҷамъиятии «ИНДЕМ» Саймуддин Дӯстов чунин мешуморад, низомномаҳое, ки дастрасиро ба иттилоот кафолат медиҳанд, ҷазоҳоро барои мансабдороне, ки онҳоро пайгирӣ наменамоянд бояд пешбинӣ карда бошанд. Ҳамчунин бояд батафсил дарҷ карда шавад, ки дархостҳо барои гирифтани иттилоот чӣ гуна коркард карда мешаванд.

Ҳомииҳуқуқи машҳур Нигина Баҳриева масъалаи манъи қонуниро барои соҳиби ВАО будан дар Тоҷикистон аз ҷониби шаҳрвандони хориҷиро бардошт, ки ин ба фикри ӯ, «маҳдудияти хеле ҷиддии ҳуқуқҳои инсон буда, ба Сарқонуни кишвар ва ҳам ба тамоми меъёрҳои байналмиллалӣ мухолифат менамояд».

«Агар шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ба таври доимӣ иқомат намоянд, агар онҳо андозсупоранда ҳастанд, пас чаро ҳуқуқи таъсис додан надоранд ё муассисони ВАО шуда наметавонанд?» - мегӯяд ӯ.

Вале инҷо низ Салимзода ақибнишинӣ карданӣ нест. Баҳриева, Дӯстов ва дигар коршиносоне, ки бо ҳуқуқ дар ВАО сару кор доранд чунин мешуморанд, ки лоиҳаи қонун пеш аз ба дигар зина гузаштан, бояд ҷораёни боз ҳам васеъи назарсанҷиро гузарад.

«Рӯзноманигорон, медиаташкилотҳо ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ба таври ҷиддӣ бо вакилон кор баранд, то ин ки тамоми оҳангҳо ва ҷабҳаҳоро шарҳ диҳанд ва дар оянда таъсир расонанд, ки ин лоиҳаи қонун дар парлумон қабул карда шавад», - гуфт Баҳриева.

Муҳаррири рӯзномаи Asia-Plus Марат Мамадшоев боварӣ дорад, ки гузаронидани нишастҳои ҷамъиятӣ комилан қобили иҷро ҳастанд.

«Барои чунин таҷриба мо омодаем ва вакилон яқинан ба пешвози мо меравадн, - гуфт ӯ. - Парлумони моро бисёр вақт дар он айбдор месозанд, ки онҳо кӯр-кӯрона фармонҳои аз боло омадаро иҷро мекунанд. Барои исботи акси ҳол чунин имконият фароҳам оварда мешавад».

Ба суоли эҳтимоли гузаронидани нишастҳои ҷамъиятӣ Салимзода ҷавоб дод, ки машваратҳо бо Иттиҳоди рӯзноманигорон ва НАНСМИТ таи ду соли ахир идома доранд.

Пешниҳоди гузаронидани ҷараёни нави машваратиро ба эътибор нагирифта, Салимзода гуфт: «Қонун дар марҳилаи муҳокима қарор дорад ва мо мисли пештара пешниҳодҳои рӯзноманигоронро қабул менамоем».

***Аслибегим Манзаршоева, рӯзноманигор дар Тоҷикистон, ки ки дар омӯзишҳои IWPR ширкат кардааст***

## Ҷазоҳои сабуктар ба қонуншиканҳои ноболиғ дар Тоҷикистон

*Қонуни ҷадид имкони ивази таъиноти ҷазо аз зиндон ба ҷаримаро фароҳам мекунад, аммо ҷинояткорони хурдсол ба гумон аст, ки тавонанд онро пардохт кунанд*

Тағйиротеро, ки ба ҷинояткорони ноболиғ ҷазоҳои сабук пешбинӣ мекунанд, дар Тоҷикистон ба таври куллӣ хуб пазируфтанд. Аммо иддае аз коршиносон ҳушдор медиҳанд, ки иваз кардани мӯҳлати зиндон бо ҷарима як иқдоми ғайримуассир дар кишваре метавонад бошад, ки кам касе имкони пардохти онро дорад.

Ин тағйирот аз сӯи ду маҷлиси парлумон моҳҳои июну июл тасдиқ шудаанд. Бар пояи онҳо, суд метавонад ҷазоҳоеро, ки барои ҷиноятҳои ғайризӯроварӣ аз озодӣ маҳрум мекунанд, бо ҷаримаҳои пулӣ иваз кунад.

Дигаргуниҳо мавоеидеро дарбар мегиранд, ки бо ширкати ҷинояткорони ҳам болиғ ва ҳам ноболиғ ба вуқӯъ пайвастаанд. Ҷаримаҳо барои ҷиноятҳое, амсоли дуздӣ, тахриби қасдӣ ё тасодуфии моликият, ки зарари ҷиддӣ ё дигар пайомадҳои ногуворро дар пай надоранд, пешбинӣ шудаанд.

Ҷинояткорони ноболиғ (ҳангоми судури ҳукм аз синни 16 боло, аммо 18 поён) то 7 соли зиндон барои ҷиноятҳои сабук ва то 10 сол барои ҷиноятҳои вазнин маҳкум мешаванд. Онҳоро дар зиндони на он қадар дур аз пойтахт, шаҳри Душанбе, ки ҳам ислоҳотӣ ва ҳам муҷозотӣ аст, нигаҳ медоранд.

Ислоҳоти қонунгузорӣ бо ҳадафи инсонӣ кардани сохтори додгоҳии Тоҷикистон ва ҳамчунин «холӣ кардани» зиндонҳо пешбинӣ шудааст.Коршиносони соҳаи ҳуқуқ аз дигаргуниҳо истиқбол мекунанд, зеро ин як гуна алтернатива ба нигаҳдории ноболиғоне буда метавонад, ки барои ҷиноятҳои сабук дар маҳбас нигаҳ дошта мешаванд, зеро таъсири манфии зиндон ба ноболиғ маълум аст.

Аммо онҳо ба камбуди ҷиддӣ дар қонуни таҷдидшуда ҳам ишора мекунанд. Онҳо мегӯянд, тавоноии ҷинояткорони



ноболиғ дар кишвари қашшоқтарини Осиёи Марказӣ барои пардохти ҷарима хеле ночиз аст. Агар ҷарима пардохт нашавад, наврасро ба муассисаҳои адои ҷазо мефиристанд.Тибқи сохтори пешин, суд метавонист ашхосеро, ки ҷаримаро пардохта наметавонистанд, маҳдуд кунад, аммо онҳоро ба маҳбас кашида наметавонист. Акнун суд ё ҷиноятконронро маҷбур мекунад, ки ҷарима пардозанд, ё ҳукми паси панҷара фиристодани онҳоро мебардорад.

Илова бар ин, андозаи ҷаримаи ҳадди аксар, ки ба ҷинояткорони хурдсол баста мешавад, бар пояи қонунгузории нав дучанд афзуд. ҷаримаи аз ҳама зиёд бо назардошти беқурбшавии пул аз 800 ба 1600 доллар боло рафтааст.

Ҷаримаҳо бояд тайи 30 рӯз баъд аз судури ҳукм пардохта шаванд, агар пардохт ба таъхир афтад, бояд то ним соли дигар сурат гирад.

"Дар шароити мо онҳое, ки маблағи дархостиро пайдо карда наметавонанд, зиёданд,аз ин хотир, хоҳ-нохоҳ равонаи зиндон мешаванд" – мегӯяд Бахтиёр Насруллоев, сарварии созмони ғайридавлатии "Ҳуқуқи башар".

Ба гуфтаи Насруллоев, иваз кардани мӯҳлати зиндон бо ҷарима як кӯшиши ҳукумати дармонда аст, ки бо ин восита мехоҳад маблағ ба даст оварад.

"Гумон намекунам, ки ҳукумат ин иқдомро ба хотири сабук кардани зиндагии ноболиғони қонуншикан гирифтааст. Эҳтимол, пеш аз ҳама шояд омили молиявӣ нақш бозидааст" – афзуд ӯ.

Вакили дифоъ Маҳмуд Салимов мегӯяд, ҷаримаи ҷинояткорони ноболиғ дар таҷрибаи ҳуқуқӣ қаблан низ вуҷуд дошт, аммо он замон вақте баста мешуд, ки наврас мустақил бошаду маош мегирифт. Акнун кор ранги дигар гирифтааст.

Раҳбари Ҳизби коммунисти Тоҷикистон ва намояндаи парлумон Шодӣ Шабдолов мегӯяд, сохтори ҷадиди муҷозот кӯдакони оилаҳои камбизоатро дар ҳошия қарор хоҳад дод.

"Охир, ин ба дӯши волидайн меафтад, – мегӯяд ӯ. – Агар кӯдак ятим ё волидайни қашшоқ дошта бошад, чӣ кор мекунад?"

Гулчеҳра Раҳмонова, ҳуқуқшинос, ҳангоми фаъолияташ дар "Маркази ҳуқуқи кӯдак" бо парвандаҳои зиёди ноболиғон сарукор гирифтааст. Вай ҳам таъйид кард, ки волидайни ҷинояткорони маъмулӣ имкони пардохти ҷаримаро надоранд.

"Дар аксар маврид наврасони оилаҳои нодорро маҳкум мекунанд, ки маҷбур ба дуздӣ ва ё қаллобӣ шудаанд, то барои қути лоямут ё либос маблағ пайдо кунанд, – гуфт ӯ. – Маъмулан модари танҳои онҳо бекор аст ва бо хайру кӯмакҳои наздиконаш ба сар мебаранд. Дар ин ҳолат онҳо ба хотири додани кӯдак ба муассисаи пӯшида куллан аз пардохти ҷарима даст мекашанд".

Ширинбек Мирзоев, муовини сарвари хадамоти ҷилавгирӣ аз ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғон ва ҷавонони ВКД Тоҷикистон тасдиқ мекунад, ки нақзи қонун аз сӯи фарзандони волидайни қашшоқ ё кӯчабозорӣ сурат мегирад.

Тадобире, ки қонунгузории нав пешбинӣ мекунад, пардохти ҷарима ва пеш аз мӯҳлат озод шудани ноболиғро дар назар дорад.

Сарвари маҳбаси ислоҳии бачагона Алихон Ҳамроев хавф дорад, ки ин ҳол мӯҷиби пеш омадани натиҷаҳои баръакс барои ҷинояткорони хурдсол мешавад.

"Ба озодӣ баромадан ҳалли мушкили қонуншиканҳо нест, зеро ин бачаҳо бидуни сарпарастии волидайн ба воя расидаанд, савод ва ягон касб надоранд. Мо мекӯшем ба онҳо кӯмак кунем, ки бо тамоми нерӯ ҷинояти худро дарк кунанд ва фаҳмонем, ки онҳо дар зиндагӣ бояд бо меҳнати ҳалол нон ёбанду хӯранд" – мегӯяд ӯ ва афзуд:



"Гуфтем, ки наврас пеш аз мӯҳлат бо пардохти ҷуброн ба озодӣ баромад. Аммо ӯ бо доғи судӣ ва бе касб дар кӯҷо кор меёбад? Гумони ғолиб ин аст, ки баъди муддате ӯ ба назди мо ё акнун зиндони калонсолон бармегардад".

Иддае дигар аз коршиносон бар инанд, ки ислоҳоти фарогиртари сохтори мубориза бо ҷинояткории ноболиғон роҳандозӣ шавад. Вақте муҷримро боздошт мекунанд, бояд қоидаҳои меъёрии судиро гузарад, зеро дар кишвар адлияи алоҳидаи ноболиғон (ювеналӣ) нест.

Гурӯҳи коршиносони Кумитаи ҳукуматии ҳуқуқи башар бар пояи як таҳқиқот соли 2009 ошкор кардааст, ки аксари муҷримони ноболиғ барои ҷиноятҳои андак барои он пушти панҷара афтидаанд, ки судҳо ва прокурорҳо роҳҳои қонунии дигар надоштаанд.

Таҳқиқот, ки феврали соли 2010 муаррифӣ шуд, даъватҳои Кумитаи ҳуқуқи атфоли СММ дар бораи

роҳандозии сохтори адлияи ноболиғон (ювеналӣ) дар Тоҷикистонро таҳким бахшид.

Коршиносони ҳуқуқи кӯдак мегӯянд, зиндонӣ шудан дар синни хурдсолӣ ба эҳтимоли зиёд ҷинояткори хурдсол ба ҷинояткори бузург табдил медиҳад.

Тоҷиддин Ҷалолов, сарвари Маркази ҳуқуқи атфол мегӯяд, таҷриба нишон додааст, ки то ҷавонон ба ҷинояткорони ноболиғ наафтидан ба ин муҳит муҳим аст. "Ба фикри ман, бачаҳоеро, ки аввалин бор ҷиноят кардаанд, набояд ҷазо дод. Бо онҳо метавон ва бояд кор кард" – гуфт ӯ ва афзуд, бо шарофати тарҳи маҳаллии ҷилавгирӣ аз ҷинояткории ҷавонон, ки аз сӯи маркази ӯ роҳандозӣ шуд, тибқи иттилои ВКД, ҷинояткорӣ 27% коҳиш ёфтааст.

"Аммо дар миқёси кишвар ин рух надод, аз ин хотир, бачаҳо фурсати хориҷ шудан аз ҷамъияти ҷинояткоронро аз даст медиҳанд" – гуфт Ҷалолов.

***Валентина Қосимбекова, рӯзноманигор аз Душанбе, ки дар омӯзишҳои IWPR ширкат кардааст***

# ТУРКМАНИСТОН



## Туркманистон: шурӯъи тарҳи ҳуқуқи башар бояд ба боло рафтани нуфузи ҳукумат мусоидат кунад




Барои амалӣ кардани тарҳи ҳуқуқи башар дар Туркманистон кушодагии ҳукумат ва ширкати густардаи ҷомиаи шаҳрвандӣ тақозо мешавад.

Хабари он, ки 7 сентябр дар Ашқобод намояндагони Иттиҳоди Аврупо бо мақомот барномаи сесолаи "Тақвияти зарфиятҳои Туркманистон дар мусоидат ва ҳифзи ҳуқуқи башар", ки дар ҳамдастӣ бо Барномаи рушди СММ ва идораи Комиссариати олии ҳуқуқи башар амалӣ мешавад, баррасӣ карданд, фаъолони маҳаллиро умедвор ба он мекунад, ки кишвар ба сӯи муколамаи ҳифзи ҳуқуқ қадамҳои хурд мебардорад.

Аммо мувофиқи матлаб мебуд, ки ибтикори нав воқеан ба эҳтиёҷоти афроди ҷабрдида аз нақзи ҳуқуқ равона хоҳад шуд. Масалан, Иттиҳоди Аврупо метавонад ба боз шудани як бюро бо ширкати коршиносони мустақили байнулмилал дар Туркманистон таҳрик диҳад, ки хоҳишмандон бидуни маҳдудият тавонанд муроҷиат кунанд. Кам нест, ки турманистониҳои аз мубориза барои адолат дилмонда мекӯшанд ба дафтарҳои камшумори созмонҳои бонуфуз роҳ ёбанд, аммо кӯшишҳояшон беҳуда аст. Масалан, Амангелен Шапудаков, фаъоле аз вилояти Балкан дар ғарби кишвар ҳамчунин сарнавишт дошт. Тобистони гузашта баъд аз он ки Шапудаков ҳамаи марҳалаҳои маҳаллиро гузашт, ӯ махсус ба намояндагии СММ дар Ашқобод бо мақсади додани аризаи шикоятӣ ба Кумитаи ҳуқуқи башари СММ омад. Аммо посбонони бино ӯро ба гӯшае бурда, ватандӯстиашро таҳти суол гузоштанд ва низ таҳдид карданд, ки пулисро даъват мекунанд. Баъд аз ин ӯро аз маҳалле, ки созмони байнулмилалӣ қарор дорад, ронданд. Ба ҳамин минвол, фаъоли Балкан натавонист то сохторҳои байнулмилал расонад, ки шаҳрванди оддии Туркманистон имкони роҳ ёфтан ба онҳоро надорад.

Мушкили дигаре, ки метавонад омили монеасоз дар роҳи амалӣ шудани тарҳи бузурги ҳифзи ҳуқуқ шавад, ташаббускор набудани мансабдорони маҳаллӣ ва тарси онҳо пеши масъулият аст. Корманди қозиёти шаҳрии Ашқобод гуфт, ки "қариб ҳама" парвандаҳои таҳти баррасӣ "пуштибонҳои" худро доранд. Масалан, агар судя дархости мансабдор дар бораи ба нафъи ӯ баррасӣ кардани парвандаро рад кунад, судя аз кор ронда хоҳад шуд, гуфт вай. Ходимони ҳукуматӣ дар сӯҳбатҳои хос ҳамчунин пинҳон накарданд, ки ҳама кор "намоишӣ" аст ва ташаббусҳо дар кишвар "ба хотири истифода берунӣ гирифта мешаванд". Ҳатто иддаи хурде, ки аз рафтори ҷасурона дилмонда шудаанд, бовар карданд, ки кӯшишҳои онҳо бидуни таваҷҷӯҳ мемонанд.

Як ҳодисаи маъруф аст, ки дар соли 2008 як ходими ҳокимият (мақомоти маҳаллӣ)-и Копетдоғ тарҳи ҳамкорӣ бо созмонҳои байнулмилалиро омода кард. Ба гуфтаи худи ӯ, ин пешниҳодоти зиёди инқилобӣ буданд, дар асл бошад, иқдомоти маъмулӣ дар соҳаи беҳбуди ҳуқуқи башарро дарбар мегирифт. Ӯ ин тарҳро ба раҳбарияти болоӣ пешниҳод кард. "Тарҳ то ба ҳол бенатиҷа хобидааст" – мегӯяд ӯ.

Раҳбарони гурӯҳҳои шаҳрвандии туркман, ки дар пурсиши бунёди мо дар бораи шурӯъи барномаи ҳифзи ҳуқуқ

ширкат доштанд, гуфтанд, ки дар навбати аввал бояд шароити воқеӣ барои амалӣ шудани ин ақидаи муҳим фароҳам оварда шавад.

Аввал, ҷомиа ва мансабдорон бояд аз президент Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов дар бораи нияти қавиаш дар бораи воқеан амалӣ кардани барномаи ҳифзи ҳуқуқ паём гиранд. Дуввум, гузаронидани маъракаи васеъи иттилоотӣ зарур аст, ки дар ҳамдастӣ бо рӯзноманигорони байнулмилал ва ёварони СММву Иттиҳоди Аврупо омода шудааст, на ВАОи давлатӣ, ки сензура доранд ва бидуни маҳдудият кори раҳбари миллатро ситоиш мекунанд.

Фаъоли ТХФ аз вилояти Лебап, дар шарқи кишвар, пешниҳод мекунад, ки "муҳосираи иттилоотӣ" тариқи сужаҳои аҷиб, ҳикояҳо дар бораи мавориди воқеии баррасии шикоятҳо, машваратҳои амалӣ дар бораи он ки чӣ тавр шаҳрванд бояд ҳангоми нақзи ҳуқуқаш рафтор кунад, баромадҳои коршиносони байнулмилалӣ дар маҳалҳо ҳангоми мулоқот бо аҳолӣ бартараф шавад. Аммо ҳоло ҳама баръакс аст: коршиносони СММ ва ИА меоянд, бо вазоратҳои мухталиф ва ашхоси масъул мулоқот мекунанд, аммо то мардум ташаббусҳои онҳо намерасанд. Мақомот вақте дар бораи амалӣ шудани чунин барнома изҳор медоранд, қабл аз ҳама бояд миёни мардум обрӯ гиранд. Масалан, ҳамаи шикоятҳоеро, ки дар Комиссияи баррасии шикоятҳои назди президент аз рӯи рафтори ғайриқонунии сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ сабт шудаанд, мешавад ба омӯзиши ҳуқуқшиносони байнулмилал дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи башар ироа шаванд. Ин оғози пайвастани Туркманистон ба суди байнулмилал хоҳад шуд. Дар ҳоли ҳозир Комиссияи назди президент камтаъсир аст.

Боз як пешниҳод. Бояд ба шаҳрвандон имкони фиристодани муроҷиатҳо ва пешниҳодҳо ба мақомотро тариқи сомонаҳои идораҳои давлатӣ ва ҳамчунин ошноӣ бо қарорҳои судро фароҳам овард. Дар бисёр кишварҳои мутараққӣ ин таҷриба аз қабл вуҷуд дорад, ки инсон метавонад раванди парвандаи мавриди таваҷҷӯҳи худро дар сомонаҳои мақомоти судии ҳокимият пайгирӣ кунад. Ин иқдом, бешак, эътимоди аҳолиро ба вуҷуд меорад.

Масъалаи дигари ҳаётан муҳим, ки барои амалӣ шудани тарҳи ҳифзи ҳуқуқ роҳ мекушояд, баргузории таҳқиқи мустақилонаи қурбониёни режими Ниёзов, дар амал татбиқ кардани зарурати додани озодиҳои конститутсионӣ - баён, виҷдон ва ҳаракат аст, ки мансабдорони туркман аз онҳо ҳазар мекунанд.

***Тоҷигул Бегмедова, раҳбари Бунёди Хелсинкии ҳуқуқи башари Туркманистон***

## Созмонҳои динии Туркманистон таҳти фишори мақомот

*Мақомот ҳанӯз дар муносибат бо созмонҳои динӣ аз эҳтиёт кор мегиранд*

Новобаста ба умедвориҳое, ки қонунгзории нав фишор ба созмонҳои динии Туркманистонро коҳиш медиҳад, аломатҳои он вуҷуд дорад, ки ҳукумат аз кӯшишҳои худ даст накашидааст.

Қонунгузории нав дар бораи созмонҳои динӣ, ки ҳоло дар баррасиҳои парлумон аст, эҳтимолан раванди сабти номро, ки барои ҳар як созмони динӣ барои гирифтани мақоми расмӣ муҳим аст, осон мекунад.

Ҳуқуқшиносе аз созмони байнулмилалии фаъол дар кишвар умед ба ин дорад, ки қонуни нав раванди гирифтани сабти номро осон мекунад, зеро дар ҳоли ҳозир "меъёрҳои озодӣ ва баробарии динҳо дар мо риоя намешаванд".

Аммо аз рӯи тағйироти қонунгузории солҳои қабл қазоват кунем, имкони нарм шудани қонун хеле кам аст. Аз соли 2003, ки аввалин тағйироти ҷиддӣ ба Қонуни "Озодии эътиқод ва созмонҳои динӣ" ворид шуд, раванди боз бештар ташдид бахшидани қоидаҳо алайҳи ин сохторҳо мушоҳида мешавад.

Аввал, теъдоди диндороне, ки барои ташкили "ҷамоаи динӣ" зарур аст, ба 500 нафар боло бурда шуд. Дуввум, соли 2006 ба қоидаҳои сабти ном тағйирот ворид карданд. Бар пояи онҳо, ба ҷуз иҷозаи вазорати адлия, барои сабти номи ташкилот ҳамчунин хулосаи мақомоти маҳаллӣ тақозо мешавад.

Конститутсияи Туркманистон озодии эътиқодро кафолат медиҳад, аммо мақомот ҳанӯз ҳам ба фаъолияти озоди динӣ муносибати шубҳаангези хоси даврони шӯравӣ, бахусус бо ширкати гурӯҳҳои начандон бузурги диниро ҳифз кардаанд.

Узви ҷамоаи протестантии Туркманистон гуфт, мансабдорон ҳамеша ҳуқуқҳои онҳоро, ки Конститутсия кафолат додааст, нодида мегиранд.

"Онҳо мегӯянд, ки қонунҳои нонавиштаи худро доранд. Онҳо ба Конститутсия туф кардаанд" – гуфт ӯ.

Тибқи маълумоти ҳукуматӣ, ки барои гузориши СММ дар моҳи январи соли 2010 пешниҳод шудааст, дар кишвар 123 созмони динӣ фаъоланд, ки расман сабти ном шудаанд: ҳудуди 100 – тои онҳо мусалмонӣ, 13 мавзеи Калисои православии русӣ, бақия – Адвентистони Рӯзи Ҳафтум, боптистҳо, ҷамоаи Баҳоиёни Туркманистон ва Ҷамъияти дарки Кришна мебошанд.

Калисои католикии Рими Туркманистон фақат моҳи марти соли равон сабти ном шудааст.

Боз чор созмон, ба шумули ҷамоаи Шоҳидони Яҳво, мунтазири посух ба аризаи худ ҳастанд, аммо портали интернетии Forum 18 иттилоъ медиҳад, ки бархе аризаҳо рад шудаанд.

"Намефаҳмам, ки чаро моро сабти ном намекунанд, - гуфт ба IWPR яке аз фаъолони Шоҳидони Яҳво. – Мо хеле зиёд ҳастем ва мо қонунро эҳтиром мекунем".

Набуди сабти ном маънои онро дорад, ки созмонҳои динӣ ҳатто аз ҳимояи расмии қонун бархӯрдор нестанд. Мулоқотҳои онҳо манъ, аъзояшон боздошт ва адабиёташон мусодира мешаванд.

Намояндаи Шоҳидони Яҳво мегӯяд, муроқибати ҳамешагӣ ва фишор ба коҳиш ёфтани теъдоди мулоқотҳои ин ҷамоа расондаанд.

"Ним соли ахир мо гурӯҳӣ ҷамъ намешавем ва ба одамони худ маслиҳат намедиҳем, ки беш аз 10 нафар ҷамъ оянд, зеро ҳамеша таҳти назорати пулис ва дигар кормандони хадамоти махсус ҳастем, - гуфт вай. – Як бору ду бор нест, ки вақте мо иду рӯзи мавлуд ҷашн мегирем, ҳамон лаҳза пулис меояд ва ба пароканда шудан амр медиҳад".

Тибқи иттилои ҳомиёни ҳуқуқ, дар ҳоли ҳозир панҷ пайрави Шоҳидони Яҳво барои саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ дар зиндон ба сар мебаранд. Боз як пайрави ин ҷараён дар интизори суд дар шаҳри Сейдии вилояти Лебапи шарқи кишвар нишастааст.

"Бо ҳамаи онҳо бадрафторӣ мекунанд. Гурдаҳои яке аз зиндониёнро зада, ӯро маъюб карданд, - гуфт ба IWPR ҳомии ҳуқуқ аз Ашқобод. – Новобаста аз дархост ва мурочиатҳои наздикон ва аъзои ҷамоа (Шоҳидони Яҳво) таҳқиқи истифодаи шиканҷа паси деворҳои зиндон ҳанӯз муяссар нашудааст".

Амалан сабти номи расмӣ ба созмони динӣ озодии хеле маҳдуди фаъолиятро медиҳад, агар мақомот ба қароре оянд, ки фаъолияти онро банданд. Дар ибтидои моҳи август дар наздикиҳои Ашқобод пулис дар лагери тобистонаи ҷавонон, ки аз сӯи ҷамоаи протестантии Туркманистон сабти ном шудааст, рейд гузаронда, 47 нафарро боздошт кард.

Оне, ки дар ин бора ба Forum 18 хабар дод, гуфт, пулис созмондиҳандагони лагерро барои дар ҷараён нагузоштани мақомот аз баргузории чорабинӣ муттаҳам кард. Аммо намояндагони калисо мегӯянд, азбаски созмони онҳо сабти ном шудааст, барои ҳамчунин ҷамъомадҳо иҷозаи махсус тақозо намешавад.

Намояндаи ҷамоаи кришнаитҳо аз Ашқобод ба IWPR нақл кард, ки новобаста аз мавҷудияти иҷозаи зарурӣ кормандони хадамоти махсус аз паси аъзои ин ҷамоа ҳангоми мулоқотҳо муроқибат мекунанд.

"Мо ҳамеша муроқибатро ҳис мекунем" – гуфт вай.

Исломи суннӣ дини анъанавии аксарияти қавмии туркман ва ҷамоаҳое ба монанди ӯзбекҳо аст, аммо новобаста аз ин, ҳатто ин навъи диндорон озодии диниро ҳис намекунанд.

Тавре ба IWPR корманди пулис нақл кард, ба ҷо овардани маросими динӣ ба мансабдорони ҳукуматӣ ва кормандони давлат хуш намеояд. Вай аз хатнасуре ёдовар шуд, ки оилааш барпо кард: "Ман намехоҳам, ки дар ҷои корам бо мушкил дучор оям, аз ин хотир, бо ҳамсарам машварат кардам ва вақте ба сафари хидматӣ рафтам, наздиконам муллоро даъват карданд ва ҳамаро гӯё пӯшида аз ман ба ҷо оварданд" – гуфт ӯ ва илова кард, ки бисёр ҳамтоёнаш ҳамин гуна рафтор мекунанд.

Ҳайитбой Яъқубов, сарвари созмони ҳифзи ҳуқуқи "Наҷот" аз Хоразм, вилояти бо Туркманистон ҳаммарзи Ӯзбекистон аст. Манбаъҳои ӯ дар кишвари ҳамсоя иттилоъ додаанд, ки мақомоти Туркманистон бастаи тадобиреро барои назорати созмонҳои динӣ ба хотири ҷилавгирӣ аз тундгароии динӣ омода мекунанд.

"Нақшаҳо дар саросари Туркманистон эҷоди хазинаи маълумот дар бораи диндорон ва афродеро, ки бо дин сарукор доранд, насби видеокамераҳо дар масоҷид, омӯзиши муносибати ҳар як шаҳрванд ба дин ва маълум кардани дараҷаи диндории ӯро дарбар мегиранд", - гуфт ӯ.

Тоҷигул Бегмедова, раҳбари Бунёди туркмании ҳуқуқи башари Хелсинки, созмони ҳифзи ҳуқуқ дар Булғористон мегӯяд, дар давоми сари қудрат будани Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, ворисi Сафармурод Ниёзов, ки соли 2007 фавтид, хеле кам тағйирот ба вуҷуд омадааст.

"Ҷиддан даст кашидан аз усулҳои қаблии диктаторӣ рух надод, - гуфт вай. – Туркманистон ҳанӯз ҳам намедонад, ки бо кадом роҳ равад. Ин кишвар дар мисоли диндорон гоҳ пеши ҷомиаи демократӣ хушомад мезанад, гоҳ назоратро ташдид мебахшад".

***Давлат Авезов, тахуллуси рӯзноманигор аз Ашқобод***

***Инна Сикорская, муҳаррири калони IWPR дар Туркманистон ва Ӯзбекистон дар Бишкек***

# ӮЗБЕКИСТОН

## Таҳқир дар зиндонҳои Ӯзбекистон зиндониёнро ба бемориҳои рӯҳӣ мерасонад

*Ба гуфтаи ҳомиёни ҳуқуқ, шиканҷаҳо дар зиндонҳои Ӯзбекистон ҳамчун ҳаводиси маъмулӣ боқӣ мемонанд*

Ба гуфтаи ҳомиёни ҳуқуқи ӯзбек, шиканҷа ва шаклҳои дигари зӯроварии ҷисмонӣ дар системаи ислоҳии кишвар ҳаводиси маъмулӣ боқӣ мемонанд ва ин ҳол ба афзоиши босуръати беҷошавии рӯҳӣ миёни зиндониён овардааст.

Ба иттилои Анҷумани "Ҳуқуқи башар дар Осиёи Марказӣ"-и мустақар дар Фаронса, "дар Ӯзбекистон дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ теъдоди афроде, ки аз фишорҳои рӯҳӣ азият мекашанд, афзудааст. Кӯмаки тиббӣ ба онҳо расонида намешавад ва низ иттилоъ дар бораи онҳо бо ҳар восита пӯшида аст".

Наздикони зиндониён аксар вақт аз тарси зиндагии пайвандонашон хомӯшӣ ихтиёр мекунанд. Хоҳари зиндоние, ки барои кӯшиши табаддулоти давлатӣ, иттиҳоми маъмул алайҳи муттаҳамон ба тундгароии исломӣ, 18 сол ҳукм гирифтааст, аз чӣ гуна тағйир ёфтани бародараш ҳангоми будубош дар зиндон мегӯяд. Баъд аз он ки бародарашро аз зиндони Навоӣ ба зиндони бо низоми шадидаш маъруфи Жаслик дар шимоли кишвар интиқол доданд, ӯ мавриди латукӯби зиндонбонон қарор гирифт ва дар натиҷа ҳарду дасташро шикастанд. Тайи чанд моҳ ба ӯ ягон кӯмаки тиббӣ расонда нашуд ва баъд ӯро бидуни истифодаи ягон доруи дардзудо ҷарроҳӣ карданд. Эҳтимол дорад, маҳз ин ҳол вазъи рӯҳии ӯро якбора бад кард.

"Ӯ хеле хашин ва мутлақан номукаллаф шуд, - мегӯяд хоҳари зиндонӣ. – Хуруҷи маризии ӯро ҳамроҳонаш бо калтак нигаҳ медоранд. Ӯ онҳоро хобравӣ намемонад. Ҳамчунин вайро нозирон низ мезананд".

Марде, ки хоҳараш барои роҳзанӣ зиндонӣ шудааст ва ӯ ин иттиҳомро бепоя медонад, гуфт, зан дар зиндон хеле сахт осеб дидааст.

"Тайи як соле, ки зиндонӣ буд, аз як духтари ҷавон ба кампир табдил ёфт. Тағйиротҳои рӯҳии ӯ бармало ба чашм мехӯрад. Ӯ маро на ҳамеша мешиносад, - мегӯяд бародари зани зиндонӣ. – Мулоқотро гоҳ-гоҳ медиҳанд, (аммо вақте ҳам ки медиҳанд) ман аксар вақт мебинам, ки ӯро латукӯб кардаанд".

Ӯ ҳамчунин бар ин бовар аст, ки агар ба таҳқиқи ин вазъ даст ёбад ҳам, "ӯро зинда нахоҳад дид".

Надежда Отаева, президенти Анҷумани "Ҳуқуқи башар дар Осиёи Марказӣ" аз Фаронса нақл кард, ки вазъи намояндаи собиқи парлумон Мурод Ҷӯраев, ки аз соли 1995 дар зиндон аст, дар ҳоли ҳозир хеле бад аст. Ҷӯраев яке аз аъзои зиндонии ҳизби оппозитсионии "Эрк" аст, ки барои тайёрии низомии шаҳрвандони ҷавони Ӯзбекистон дар Туркия бо мақсади кӯшиши табадуллоти давлатӣ гунаҳкор мешавад.

"Ҳамсари зиндонии сиёсӣ Мурод Ҷӯраев, ки аз шиканҷа дар зиндон ба маризи рӯҳӣ табдил меёбад, аз ман мепурсад: "Ту чӣ фикр дорӣ, агар ман барои сипарӣ кардани мӯҳлат ба ҷои ӯ ризоият диҳам, онҳо розӣ мешаванд?", - нақл мекунад Атаева. – Ин зан дигар тоқати дидани онро, ки бо шавҳараш мекунанд, надорад".

Истифодаи шиканҷа дар боздоштгоҳҳои муваққатӣ (СИЗО) ва зиндонҳои Ӯзбекистон чанд сол аст, ки бо аснод собит мешавад. Кумитаи ҳуқуқи башари СММ баъд аз омӯзиши ҳуҷҷатҳое, ки аз сӯи ҳукумати Ӯзбекистон ва ҳомиёни ҳуқуқ пешниҳод шудаанд, хулосаҳои худро нашр кард, ки вазъи ҳуқуқи башар дар кишварро ба боди интиқод кашидааст.

Кумита бо тақозои дидани чораҳои амалӣ ба ҳукумати Ӯзбекистон муроҷиат кард, то ба истифодаи шиканҷа ва дигар шаклҳои зӯроварӣ хотима дода, мониторинг ва таҳқиқи ҳодисаҳоро ба роҳ монанд ва дар ҳолаҳои зарурӣ гунаҳкоронеро, ки аз зӯроварӣ кор гирифтаанд, ҷазо диҳад; "бовар ҳосил кунад, ки дар ҳар як ҳодисаи мушаххаси истифодаи шиканҷа таҳқиқ аз сӯи мақоми мустақил бурда мешавад" ва ҳамчунин ҷуброн ба қурбониёни шиканҷаву бадрафториро пешбинӣ кунад.

Илова бар ин, кумитаи СММ "бо нигаронӣ идомаи вуруди иттилоъ дар бораи истифодаи шиканҷа ва бадрафторӣ, теъдоди ками мавориди муттаҳам кардани афроди масъули ин омол, ноҷоии таҳримҳои ворида, ба шумули тадобири интизомӣ, ҳамчунин маълумот дар бораи онро, ки афроди масъули ин омол авф шудаанд, зикр мекунад. Ба ҷуз ин, ғайриқобили қабул ва нокофӣ будани таҳқиқот аз аризаҳо дар бораи шиканҷа ва бадрафторӣ маълум мешавад. Кумита ҳамчунин аз хабарҳо дар бораи истифодаи судҳо аз исботи тахти фишор бадастомада изҳори нигаронӣ мекунад".

Ҳангоми баёни мавқеи ҳукумати Ӯзбекистон дар баррасиҳои моҳи март, афроди расмии ин кишвар ду тактикаро пеш гирифтанд: пешниҳоди манзараи фараҳбахш дар бораи он ки дар ин кишвар чӣ тавр ҳуқуқҳои инсон ба дараҷаи олӣ риоя мешаванд ва баёни хашму ғазаб аз интиқодоти байнулмилалӣ.

Ҳангоми посух ба суол дар бораи истифодаи шиканҷа директори Маркази миллии ҳуқуқи башари Ҷумҳурии Ӯзбекистон Акмал Саидов изҳор дошт: "Мо кишвари осиёием. Мо кишвари мусалмонием. Мо ҳеҷ гоҳ кишвари аврупоӣ нахоҳем шуд".

Ба гуфтаи Саидов, ба ҳисоботҳои ҳомиёни ҳуқуқ бояд боэҳтиёт бархӯрд кард, зеро “онҳо аз лиҳози сиёсӣ манфиат доранд” ва “як-ду се далели алоҳидаро ба вазъи кулл дар кишвар рабт медиҳанд”.

Муовини вазири корҳои дохила Абдукарим Шодиев зикр кард, ки сохтори ислоҳии кишвар шаффоф аст ва он ҷо “мониторинги мустақил ва назорати парлумонӣ амалӣ мешавад”.

Муовини раиси Суди олӣ Шералӣ Раҳмонов аз қонуни дар соли 2004 қабулшуда иқтибос овард, ки истифодаи далоили ҳангоми шиканҷа бадастомадаро манъ кардааст ва тибқи он, судҳо бояд бо гирифтани аризаи шикоятӣ дар бораи шиканҷа ба таҳқиқ шурӯъ кунанд.

Ҳуқуқдонон ва ҳомиёни ҳуқуқ изҳорот дар бораи истифодаи шиканҷа дар ҳолатҳои истисноӣ ва инро ки қурбониёни шиканҷа метавонанд ба барқарор шудани адолат умед банданд, рад мекунанд.

Ба гуфтаи ҳуқуқшиносе аз Тошканд, ки аз гуфтани номаш ба хотири тарс аз репрессияҳои эҳтимолӣ худдорӣ кард, шиканҷа барои гирифтани далелҳо дар 90 дарсади парвандаҳое, ки ё ҳамчун “сиёсӣ” муаррифӣ мешаванд, ё иттиҳомот алайҳи ҳомиёни ҳуқуқро дарбар мегиранд, истифода мешаванд. Ба ҷои он ки шаффофияти сохтори ислоҳиро таъмин намоянд, мақомот ҳар корро мекунанд, то аз хориҷ шудани иттилоъ ҷилавгирӣ кунанд, мегӯяд Васила Иноятова, раиси ҷамъияти ҳуқуқи башар “Эзгулик”. Вақте созмони вай кӯшиш ба харҷ дод, ки барои ворид шудани духтурон ба назди зиндониёни моризи рӯҳӣ иҷозатнома гирад, ин кӯшишҳо ҳама барабас рафтанд, зеро мақомот посух доданд, ки “зиндонӣ сиҳат аст”.

(Бархе аз номҳо дар мақола ба хотири амнияти пурсидашудагон оварда нашуданд).

***Юлия Горяйнова, Тарҳи ҳуқуқи башар дар Осиёи Марказӣ***

## Барномаи танзими таваллуд ҳуқуқи занонро нақз мекунад

*Ҳомиёни ҳуқуқ дар Ӯзбекистон аз идомаи иҷборан безурриёткунии занони синну соли тазаккур нигаронанд*

Тибқи иттилои фаъолони маҳаллӣ, дар Ӯзбекистон давраи дуввуми безурриёткунии занони ҷавон, ки то 15 август тӯл хоҳад кашид, идома дорад. Ин дафъа барои ошкор кардани тавлидкунандагони билқувва прокуратура, маъмуриятҳои маҳаллӣ ва кумитаҳои маҳаллӣ кӯмак мекунанд.

Давраи аввали ин маърака пушти пардаи барномаи “тақвияти назорати таҳқиқоти тиббии занони синни таваллуд”, ба гуфтаи пизишке аз Тошканд, ки аз гуфтани номаш худдорӣ кард, дар фасли баҳор гузашт.

Гурӯҳи кории коршиносон аз Тошканд, ки бо мониторинги равандҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқӣ машғул аст, маълумотеро дар даст дорад, ки моҳи феврал вазорати тандурустӣ фармони махсуси №40-ро содир кард, ки “тартиби амалӣ кардани безурриёткунии ихтиёрии ҷарроҳии занони синни таваллудро танзим мекунад”.

Тибқи ин ҳуҷҷат, ҳар як духтур мувazzаф шудааст, ки ду занро барои безурриёткунии ихтиёрии ҷарроҳӣ пайдо ва розӣ карда, панҷоҳ мизоҷи занро ба зарурати истифодаи контрасептивҳо бовар кунонад.

“Ҳар рӯз ҳангоми ҷаласаҳои субҳ аз духтурон пурсида мешавад, ки барои безурриёткунӣ чӣ кор кардаанд. Онҳоеро, ки дастурро иҷро намекунанд, мазаммат мешунаванд” - мегӯяд корманди тиб аз Тошканд.

Тибқи омори давлатии Ӯзбекистон, шумораи аҳолӣ то 1 апрели соли 2010 28 миллион нафарро ташкил мекунад ва аз оғози сол 94 ҳазор афзудааст. Тибқи пешгӯии мутахассисони соҳаи демография, то соли 2015 аҳолии Ӯзбекистон аз ҳадди 33 миллион нафар мегузарад.

Оилаҳои ӯзбекӣ тибқи анъана серфарзанданд, аз ин хотир мақомот бар ин назаранд, ки кишвар аз ҳисоби сатҳи баланди таваллуд ба барзиёдии аҳолӣ наздик мешавад ва ҳамчун котрасепсияи муассир безурриёткунии занонро пешниҳод мекунад.

“Занони саркаш аз кӯмакпулии модарӣ, ки барои фарзандони хурдсолашон медиҳанд, маҳрум мешаванд, - мегӯяд нозире аз Тошканд. – Барои гирифтани пул занро зарур аст аз духтур шаҳодатнома гирад, аммо духтур онро намедиҳад, то ин ки занро безурриёт накунад”.

Аксари духтурони Ӯзбекистон безурриёткунии саросариро ҷонибдорӣ мекунанд ва далел меоранд, ки маболиғи буҷа барои пардохти кӯмакпулӣ ба модарон намерасад ва ҳам сатҳи мурииш миёни занони зоянда ва навтифлон зиёд аст.

Гинеколог аз клиникаи махсуси маркази тиббии илмӣ-амалии акушерӣ ва гинеклогии Тошканд мегӯяд, раванди безурриёткунӣ бештар ихтиёрӣ аст, на иҷборӣ. Аксар вақт пизишкони ин марказро лозим меояд ба навоҳии алоҳида биравανд ва ҳар ҳафта чил ҷарроҳӣ гузаронанд, мегӯяд вай.

“Аллакай 40 – 50 дарсади занон аз ҷумлаи онҳое, ки аз сӯи вазорати тандурустӣ сабт шудаанд, безурриёт карда шудаанд” – мегӯяд табиб. – Бисёриҳо мефаҳманд, ки безурриёткунӣ аз исқоти ҳамл беҳтар аст”.

Аммо на ҳамаи онҳое, ки аз сӯи News Briefing Central Asia пурсида шудаанд, бо ҳарфҳои гинеколог розиянд. Онҳо мисол меоранд, ки кай духтурон бо роҳи фиреб мизоҷонашонро безурриёт кардаанд.

Наргизаи 23 – сола аз Қӯқанд, воқеъ дар ҷанубу ғарби водии Фарғона, баъд аз тавлиди фарзанди дуюм мехост сеюмашро низ ба дунё орад, аммо ҳомила шуда наметавонист.

Баъд аз муоина духтурони Тошканд ба ӯ гуфтанд, ки фарзанди саввумро ӯ тавлид карда наметавонад, зеро бадоҳатан баъд аз таваллуди дуввум – чоки қайсар – лӯлаҳои фаллопӣ “бо мақсади контрасепсия” баста шудаанд.

Наргиза ва шавҳари вай хостанд бо ин асос ба суд муроҷиат кунанд, аммо духтурони Қӯқанд ба ӯ номаи ризоият ба безурриётшавиро нишон додаанд.

“Вақте пеш аз таваллуд ман ин коғазро имзо кардам, духтурон ба ман гуфтанд, ки ин фақат як номаи сипос аст” – тааҷҷуб мекунад Наргиза.

Тибқи иттилои Ҳайитбой Яъқубов, раҳбари гурӯҳи ҳифзи ҳуқуқи “Наҷот” аз Хоразм, ин гуна далоили фиреб хеле густарда ҳастанд.

“Духтурон занонро фирефта мегӯянд, ки онҳо маризии ҷиддӣ доранд ва ин ҳол безурриёткунӣ тариқи ҷарроҳиро тақозо мекунад”, - хабар медиҳад Яъқубов.

Ин таҷрибаи иҷбориро ҳомиёни ҳуқуқ нақзи гӯшношуниди ҳуқуқи занон унвон мекунанд ва мегӯянд, безурриёткунӣ тариқи ҷарроҳӣ метавонад бар асоси танҳо қарори донистаи худи тавлидкунандагон сурат гирад. Коршиносон ҳамчунин ба тағйироти ҷиддӣ ва хатарнок дар организми занон ишора мекунанд, ки баъд аз безурриёткунӣ тариқи ҷарроҳӣ пеш меоянд.

“Бархе занон бо мушкилиҳо дар саломатии худ мувоҷеҳ шуданд. Дар бисёри онҳо вайроншавии силсилаи менструалӣ мушоҳида мешавад ва хунравӣ як-ду моҳ давом мекунад, - нақл кард яке аз муҳақиқон дар Тошканд. – Занони зиёд аз ин вазъ огоҳ шуда, бо тарси безурриёткунии иҷборӣ ба сар мебаранд”.

Соли 2007 Кумитаи СММ алайҳи шиканҷа дар гузориши худ аз далоили безурриёткунии иҷборӣ ва буридани узвҳои дохилии ҷинсии занони ӯзбек, ки аксар вақт баъд аз чоки қайсар рух медиҳад, хабар медиҳад. Баъд аз як қатор тавсияномаҳо дар бораи танзими мувозинати демографӣ дар кишвар ҳаводиси безурриёткунӣ коҳиш ёфтанд. Аммо имсол контрасепсияи иҷборӣ боз идома кард.

“Ин маъракаи иҷборӣ ба таҳқири саросарии занон ва беэҳтиромӣ ба ҳуқуқҳои онҳо мемонад” – мегӯяд ҳомии ҳуқуқи башар аз Фарғона.

**Institute for war & peace reporting**
48 Gray's Inn Road
London, WC1X 8LT, UK
Tel: (44 20) 7831 1030
Fax: (44 20) 7831 1050
Web: www.iwpr.net
E-mail: info@iwpr.net



**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қирғизистон**
Ҷумҳурии Қирғизистон
ш. Бишкек, 720017
к. Тоголок Молдо, 18-2
Тел.: + 996 312 66 44 53, 61 38 70
Факс: + 996 312 61 38 70
E-mail: iwpr.kyrgyz@iwpr.net



**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қазоқистон**
Ҷумҳурии Қазоқистон
ш. Алмато, 050000
к. Казыбекби, 50
2 ошёна, офис 84
Тел.: +7 727 272 59 03, 272 64 21, 272 68 90
E-mail: iwpr.kazahstan@iwpr.net



**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734003
х. Рӯдакӣ, 137, «Тоҷикматлубот», 6 ошёна
Тел.: + 992 372 24 70 26
Тел./Факс: + 992 372 24 70 51
E-mail: iwpr.tajikistan@iwpr.net

IWPR ба мундариҷаи мақолаи мазкур масъул аст ва он дар ягон ҳолат нуқтаи назари кишварҳои Шӯрои Аврупоро инъикос наменамояд.